***<u>Тарҷумаи ғайрирасмӣ</u>***

# ТОҶИКИСТОН

## СТРАТЕГИЯИ МУШТАРАКИ КИШВАРИИ ҲАМКОРӢ
## 2010 – 2012

Стратегияи Муштараки Кишварии Ҳамкорӣ аз ҷониби Хазинаи Оғохон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки Рушди Осие, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Комиссияи Аврупо, Ҳукумати Олмон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Агентии Шветсия оид ба ҳамкории байналмилалӣ баҳри рушд, Офиси ҳамкории Швейсария, Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ, Агентиҳои Созмони Милали Муттаҳид, Агентии ИМА оид ба кӯмак кардан ба рушди байналмилалӣ, Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ омода гаштааст.

**Ноябри соли 2009**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | | |
|---|---|---|
| ШТРХО | – | Шабакаи ташкилотҳо оид ба рушди Хазинаи Оғохон |
| Б О Р | – | Бонки Рушди Осие |
| ҲИМОМ | – | Ҳамкории иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ |
| ШҲД (DCC) | – | Шӯрои ҳамоҳангсозии донорҳо |
| ДРББК (DfID) | – | Департаменти рушди байналмилалии, Британияи Кабир |
| БАТР | – | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд |
| КА | – | Комиссияи Аврупо |
| СМХ | – | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ |
| ММД | – | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ҶҲТО | – | Ҷамъияти ҳамкории техникии Олмон |
| БИР | – | Бонки исломии рушд |
| ХБА | – | Хазинаи байналмилалии асъор |
| СМКҲ (JCPS) | – | Стратегияи муштараки кишварии ҳамкорӣ |
| ҲРҲ | – | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| БМХД | – | Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ |
| БМТ | – | Бонки Миллии Тоҷикистон |
| СМР | – | Стратегияи миллии рушд |
| ТҒҲ | – | Ташкилоти ғайриҳукуматӣ |
| САҲА | – | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| БДС | – | Барномаи давлатии сармоягузорӣ |
| МТЛ | – | Маркази татбиқи лоиҳа |
| МИЛ | – | Маркази идораи лоиҳа |
| ҲДС | - | Ҳамкории давлатию хусуси |
| СПКСК | – | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| КДСИАД ҶТ | – | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| РШРҲ (SCO) | – | Раёсати Швейтсария оид ба рушд |
| АШҲБР(SIDA) | – | Агентии Шведсия оид ба ҳамкории байналмилалӣ ва рушд |
| МД | – | Муассисаи давлатӣ |
| КТ | – | Кӯмаки техникӣ |
| ТСЗТ | – | Таҳқиқи сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон |
| СММ | – | Созмони Милали Муттаҳид |
| СМФК | - | Созмони Миллали Фонди Кудакон |
| БРСММ | - | Барномаи Рушди Созмони Миллали Мутахид |
| АИМАКРБ | - | Агентии ИМА оид ба кӯмак кардан ба рушди байналмилалӣ |
| БЧ | - | Бонки Чахонӣ |
| БЧХ | - | Барномаи Чахони оид ба хурокворӣ |
| ТҶС | - | Ташкилоти Ҷахонӣ оид ба саломатӣ |

**МУНДАРИЧА**

**Саҳ.**

**МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ**

I. МУҚАДДИМА 1

А. Заминаҳо 1

Б. Раванди СМКҲ 1

II. ВАЗЪИЯТ ДАР КИШВАР 2

А. Камбизоати 3

Б. Ҳадафҳои рушди ҳазорсола 3

В. Муҳити сиёсӣ 3

Г. Дастовардҳои охирини иқтисодӣ 3

Д. Бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳон 4

Е. Дурнамоҳои кӯтоҳмӯҳлат 5

Ж. Вазифаҳои асосӣ ва мушкилоти рушд 5

III. СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН 6

А. Стратегияи миллии рушд ва стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ 6

Б. Шарҳи мухтасари комёбиҳо 7

IV. САМАРАИ КӮМАКРАСОНӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗӢ 9

А. Заминаҳо 9

Б. Самараи кӯмакрасонӣ 9

В. Ҳамоҳангсозии кӯмак 10

Г. Принсипҳои якҷояи самараи кӯмакрасонӣ 11

V. ДАСТГИРИИ ҲАМКОРОНИ СМКҲ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН, СОЛҲОИ 2010-12 12

А. Дастгирии СМКҲ, солҳои 2010-12- Мавзӯъ ва бахшҳо 12

Б. Мавзӯи 1: Дастгирии рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ 12

В. Мавзӯи 2: Дастгирии идораи беҳтар 14

Г. Мавзӯи 3: Кӯмак ба рушди иқдори инсонӣ 16

VI. БАРТАРИЯТҲОИ МУТОБИҚАТИ БЕҲИН 17

А. Мақсади умумии СМКҲ /Ҳукумати ҶТ 17

Б. Қадамҳои оянда 18

В. Мониторинги натиҷаҳо 19

Г. Арзёбии хатар 19

**ЗАМИМАҲО**

1. Фаъолияти шарикони СМКҲ аз рӯи бахшҳо 21

2. Мониторинги принсипҳои муштараки самараи кӯмак 23

## МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

**МУҚАДДИМА:** Се ҳадафи асосии Стратегияи Муштараки Кишварии Ҳамкорӣ (СМКҲ ) иборат аст аз: *якум*, тасдиқ кардани ӯҳдадории умумии ҳамкорон дар бобати дастгирии ҳадафҳои рушди Тоҷикистон- тавре, ки он дар Стратегияи Миллии Рушд (СМР) ва Стратегияҳои дахлдори паст кардани сатҳи камбизоатӣ мутобиқ дарҷ шудааст (СПКСК); *дуюм*, муайян намудани диди якҷояи стратегӣ ва чорчӯбаи ягонаи самти муайян барои ҳамоҳангсозии кӯмак ва идораи ҳаракати маблағи ҳамкорони ҳамкорӣ СМКҲ, ки барои Тоҷикистон таъин гардидааст аз ҷумла пешгӯиҳо оид ба кӯмакрасонӣ, кам кардани арзиши муомилот, гузаштан ба муносибатҳои барномавӣ ва ноил гаштан ба тақсими самарабахши меҳнат ва беҳтаргардонии ҳисоботдиҳии мутақобила; *сеюм*, мусоидат намудан ба омода намудани чорабиниҳое, ки ба дастрас намудани натиҷаҳои ҳамоҳангшуда, аз он ҷумла, масоили банақшагирӣ ва мониторинги принсипҳои муштарак оид ба муайян намудани самарабахш будани кӯмак.

**ВАЗЪИЯТ ДАР КИШВАР:** Вазифаҳои асосии рушди Тоҷикистон, ғайр аз мушкилоти мавқеи ҷуғрофии мамлакат, масоҳати хурд ва таъминоти маҳдуди моддӣ, иборатанд аз:
паст кардани сатҳи камбизоатӣ, барқарор сохтани устувории макроиқтисодӣ, идора намудани қарзи беруна, беҳтар гардонидани инфрасохтори табиӣ, ҷамъ кардани сарвати инсонӣ, тезонидани ислоҳот ва ҳамкории минтақавӣ.

**СТРАТЕГИЯИ ТОҶИКИСТОН** Афзалиятҳои асосии сектори воқеӣ ва ислоҳоти сохторӣ, ки ба СПКСК-2 ва Стратегияи миллии рушд дохил карда шудаанд, пас аз соли 2009 низ ҳамчун масоили асосӣ боқӣ мондаанд. Интизор меравад, ки онҳо бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи тағирот ва навсозии дахлдор асоси СПКСК-3 ки барои солҳои 2010-2012 муқаррар гаштааст, ки ҳоло дар марҳилаи коркард қарор дорад.

**ДАСТГИРИИ СМКҲ, СОЛҲОИ 2010-2012:** Дастгирии ба нақша гирифтаи ҳамкорон оид ба СМКҲ барои солҳои 2010-2012 тибқи СПКСК-3, дар се самти доманадор мутамарказонида мешавад: (а)

дастгирии рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ бо роҳи самарабахш гардонидани маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши содироти қувваи барқ, ривоҷ додани фаъолияти воситаҳои нақлиёт, беҳтар кардани дигар инфрасохтори воқеӣ, ки барои таъмини рушд заруранд; (б) дастгирии такомули инсон- тавассути беҳтар кардани системаи маориф, тандурустӣ ва ҳалли мушкилоти камбизоатӣ тавассути беҳтар кардани ҳифзи иҷтимоӣ; (в) дастгирии идораи беҳтарин тавассути ислоҳоти идораи давлатӣ (аз ҷумла хизмати давлатӣ ва маош) ва идораи давлатии молиявӣ, то ки ба рушди бахшҳои хусусӣ ва молиявӣ ва таҳкими меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

**АФЗАЛИЯТҲОИ МУНОСИБ:**

Тибқи принсипи чоруми мувофиқшуда оид ба самарабахшии кӯмак мақсади умумии СМКҲ ва Ҳукумат барои такмилёбӣ ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад: як стратегия (яъне СМР/СПКСК-3); як механизми ҳамоҳангсозӣ, як системаи мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо.

## ТОҶИКИСТОН: СТРАТЕГИЯИ МУШТАРАКИ КИШВАРИИ ҲАМКОРӢ, 2010-2012

## I. МУҚАДДИМА

1. **Заминаҳо.** Бо вуҷуди он ки соли 1997 кӯмаки дар давоми даҳ соли охир ба Тоҷикистон баъди муқовиматҳои дохилӣ барои навсозӣ расонидашуда қариб ба 100 млн доллари ИМА ва соли 2006 кӯмаки таъиноти рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ба 270 млн доллари ИМА расидааст, вале то имрӯз ҷумҳурӣ дар масъалаи ҷудо намудани маблағ ба ҳар сари аҳолӣ яке аз ҷойҳои охирро ишғол мекунад. Чунин ақидае ҳам ҷой дорад, ки онро хулосаи таҳқиқи ба қарибӣ анҷомёфта тасдиқ кардааст[1] самарабахшӣ ва натиҷагирии кӯмакрасонӣ имкон дошт хеле хубтар гардад, ба шарте, ки фаъолияти байни ҳамкорон оид ба рушд ва Ҳукумат ҳамоҳанг шавад, инчунин қобилияти идоракунӣ такмил дода шавад. Чунин хулосабарорӣ воқеан ҳам ҷой дошта метавонад, чунки теъдоди ҳамкорон оид ба рушд аз ҳисоби шарикони нав, аз қабили Хитой, Эрон ва Қазоқистон зиёд шуда истодаанд [2].

2. Беҳтар кардани самара ва натиҷагирии кӯмак ба Тоҷикистон масъулияти умумии чӣ ҳамкорони инфиродӣ ва гурӯҳӣ оид ба Рушд ва чӣ Ҳукумат ба ҳисоб меравад. Ҳадафи мазкур низ ӯҳдадориро дар доираи шартҳои Баёноти Париж аз соли 2006 дар бораи самаранокии кӯмак ва Нақшаи нави фаъолият дар соли 2008, ки дар Аккра қабул шудааст, таъкид мекунанд: кишвар бояд стратегия ва барномаҳои рушд дошта бошад; фаъолияти донорҳо бо барномаҳои мазкур мутобиқ бошад; дахолати созгоронаи донорҳо барои кам кардани хароҷоти амалиёти умумӣ; идора барои ҳосил шудани натиҷа ва масъулияти дуҷониба дар сатҳи кишварҳо. Дар ҳақиқат, нақшаи чанде пеш қабулнамудаи фаъолият дар соли 2008, ки дар Аккра қабул шуда буд, ҳадди ақал, чор вазифаи асосиро барои донорҳо муайян мекунад, аз ҷумла: (а) истифодаи на системаи, донорӣ, балки кишвариро барои пешниҳод намудани кӯмак, масалан, гузаронидани на камтар аз 50 фоизи маблағи ба воситаи буҷаи кишвари кӯмакгиранда; (б) иваз намудани истилоҳи дастурии «ба шарте, ки» ба як қатор шартномаҳои мувофиқашуда, ки ба ҳадафҳои пешрафти кишвар асос ёфтаанд; (в) пешниҳод намудани арзёбии 3-5 солаи кӯмаки банақшагирифташуда; ва (г) тафтиши фаъолияти кишвар барои пурзӯр намудани масъулияти якҷояи "донор-кӯмакгиранда" тавассути арзёбии мустақим ва ошкоро.

3. **Раванди СМКҲ**. Тибқи маълумоти шартӣ, инчунин пас аз Форуми рушди Тоҷикистон, ки соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, гурӯҳи якуми иборат аз панҷ шарики ҳамкор оид ба рушд, ки баъдан теъдоди онҳо ба дувоздаҳ нафар расид[3], қарор доданд, ки СМКҲ бо мақсади беҳтар кардани самара ва натиҷаҳои кӯмаки пешниҳодшуда муайян намоянд. Раванди мазкур, ки аз моҳи январи соли 2008 амалӣ мегардад, шарҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти донорҳо ва бахшҳои асосӣ, омӯзиши самараю натиҷаи кӯмакҳо ва доир намудани силсилаи машваратҳоро (аз ҷумла, се машғулияти сайёри дурӯза)-ро, ки дар рафти онҳо консепсияҳо, принсипҳо

---

[1] Тоҷикистон –Таҳқиқи самаранокии расонидани кӯмак, Маркази рушди Вулфенсон, Донишгоҳи Брукингс, соли 2008.

[2] Зиёда аз 80 ҳамкор оид ба рушд дар Тоҷикистон фаъолият дорад, ки қариб 25 институтҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, 16 Агентии махсуси СММ ва қариб 40 ташкилоти ғайриҳукуматиро (ТҒҲ) ташкил медиҳанд. (www.untj.org).

[3] Хазинаи Оғохон дар Тоҷикистон, Бонки Осиёии рушд, Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд, Комиссияи Аврупо, Кӯмаки техникии Олмон, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Агентии шведсия оид ба ҳамкории байналмилалӣ ва рушд, Раёсати Швейтсария оид ба рушд, Департаменти Ҳукумати Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ, Агентии Созмони Милали Муттаҳид, Оҷонси Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналхалқӣ ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ.

ва натиҷаҳои чашмдошт муайян мешуданд, дар бар мегирифтанд. Кӯмаки мазкур аз ҷониби модератор[4] ва дастгирии котибот, ки аз ҷониби якчанд донор маблағгузорӣ мегардад, расонида шуд.

4. Раванди мазкур тағироти муҳимеро дар муносибати ҳамкорон оид ба рушд, инчунин якчанд ташаббуси навро дар доираи Ҳамкор - Ҳукумат ворид намуд, масалан, дар сектори кишоварзӣ ва тандурустӣ ба дастовардҳои мушаххас ноил гаштанд, ки дар асоси принсипҳои умумии Баёноти Париж ва Нақшаи фаъолият дар соли 2008, ки дар Аккра қабул шуда буд, асос ёфтаанд. Баъдан, натиҷаи асосӣ маълумоти СМКҲ мебошад, ки се мақсади асосӣ дорад: *якум*, тасдиқ кардани ӯҳдадориҳои умумии ҳамкорон дар мусоидат намудан ба дастгирии ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди Тоҷикистон, тавре ки дар Стратегияи Миллии Рушд (СМР) барои солҳои 2006-2015 ва Стратегияҳои муносиб оид ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ зикр шудаанд; *дуюм*, муайян намудани диди стратегияи умумӣ ва чорчӯбаи ягонаи самти муайян барои беҳ намудани танзими самараи кӯмак ва идораи ҳаракати маблағи ҳамкорони СМКҲ, ки барои Тоҷикистон таъин шудаанд - пешгӯиҳо оид ба кӯмакрасонӣ, кам кардани арзиши муомилот, гузаштан ба муносибатҳои барномавӣ ва ноил гаштан ба тақсими самарабахши меҳнат ва беҳтаргардонии ҳисоботдиҳии мутақобила; *сеюм*, мусоидат намудан ба омода намудани чорабиниҳое ки ба дастрас намудани натиҷаҳои ҳамоҳангшуда, аз он ҷумла, масоили банақшагирӣ ва мониторинги принсипҳои муштарак оид ба муайян намудани самарабахш будани кӯмак ва пойдор гардонидани иқтидори Ҳукумат барои беҳтар шудани банақшагирӣ, идора, мониторинги натиҷаҳо ва арзёбии ҳамкорӣ оид ба рушд. Баъдан, ҳуҷҷат аз панҷ қисм иборат аст: дар ду қисми аввал маълумоти кутоҳ оид ба вазъият дар кишвар оварда шудааст, шарҳи мушкилот ва вазифаҳои лозима ва вобаста ба ин, стратегияи рушд; дар қисми сеюм саволхо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва самарабахш будани кӯмак оварда шудаанд; қисми чорум фаъолияти ҳамкорон оид ба рушд, нисбати тараққиёти кишвар маълумот медиҳад; қисми панҷум самтҳои умумии фаъолияти ҳамкорони СМКҲ ва Ҳукумат барои инкишофи ҳамкорӣ муайян менамояд.

## II. ВАЗЪИЯТ ДАР КИШВАР

5. Кишвари на чандон калони Тоҷикистон, ки роҳи баромад ба баҳрро надорад, бо аҳолии қариб 7,2 миллион нафараи худ яке аз кишварҳои дурдасти ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Кишвари баландкӯҳи дурдаст, инфрасохтори мураккаби камсамар, системаи сусти идора ва танзим монеаҳои асосӣ дар роҳи баромадан ба савдои беруна, нақлиёт ва сармоягузорӣ мебошад. Тоҷикистон пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ чун пешина яке аз кишварҳои қашшоқтарин буду мебошад ва иқтисодиёти нимҷони вай, ки ҳанӯз ҳам такя ба кишоварзӣ, алюминий ва иқтидори гидроэнергетикӣ дорад ва ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ӯзбекистон сахт вобаста мебошад, дар масоили тиҷорати байналхалқӣ ва транзит, тобу тоқати ҳеҷ як мушкилот ва зуҳуроти табиат, масалан, зимистони қаҳратуни солҳои 2007-2008, боло рафтани нархи ҷаҳонии озуқа ва бӯҳрони молиявии ҷаҳонии чанде пеш ба вуқӯъомадаро надорад. Муқовимати панҷсолаи шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) боиси қурбонии зиёди шаҳрвандон ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти кишвар гардид, ки он тақрибан теъдоди 50 ҳазор нафар қурбонӣ ва 60 фоизи ММД-ро ташкил дода, оғози раванди гузариши иқтисодиётро мушкил сохт.

6. **Камбизоатӣ.** Тавассути рушди муназзами иқтисодиёт аз соли 2000 даромад ба сари ҳар як сокини Тоҷикистон мутобиқи маълумоти давлатӣ дар соли 2008 ба $703

[4]Йоханнес Ф. Линн, Сарвар ва директори иҷроия, Марказ оид ба рушди Вулфенсон, Донишгоҳи Брукингс, Вашингтон.

расид[5]. Бо вуҷуди ин, ки сатҳи камбизоатӣ аз соли 1999 ин ҷониб мунтазам паст мешавад, бахусус дар минтақаҳои дурдасти деҳот ва кӯҳистони кишвар, ки теъдоди камбизоатон 70 фоизро ташкил медиҳанд, ҳанӯз ҳам баланд аст. Соли 2007 53 фоизи аҳолӣ дар дами қашшоқӣ қарор дошта, даромади ҳармоҳааш ба 41 доллари ИМА (ин рақам соли 2003 64 фоиз ва соли 1999 83 фоизро ташкил медод) баробар буд ва 17 фоизи аҳолӣ бағоят қашшоқона умр ба сар бурда, даромади ҳармоҳаашон 26 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.[6]. Фарқият дар маош назаррас буда (коэффисиенти гини (*gini)* дар Тоҷикистон ба 0,51 баробар аст) ин фарқияти даромад дар минтақаҳои мухталиф гуногун аст: масалан, 69 фоизи аҳолии вилояти Суғд дар ҳолати камбизоатӣ умр ба сар мебаранд, ки дар қиёс бо шаҳри Душанбе ин нишондиҳандаҳо 43 фоизро ташкил медиҳанд. Сатҳи бо озуқаворӣ таъмин будан ҳам чандон баланд нест ва ба мавқеи ҷуғрофӣ ва мавсими сол вобаста аст. Агар дар давоми даҳсолаи охир вазъи фарогирии хонандагон бо таълим, сатҳи муромурии кӯдаку модар ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ беҳтар шуда бошад ҳам, хизматрасонии давлатӣ бинобар маблағгузории нокифоя дар ҳолати маҳдудият қарор дорад.

7. **Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ)**. Бо вуҷуди дастовардҳои солҳои охир, пешравиҳо аз сабаби боло будани сатҳи камбизоатӣ чандон назаррас нестанд ва Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ба гумон аст, ки ба мақсадҳои зиёди ҲРҲ бирасад. Дастрасӣ ба сарчашмаҳои оби ошомӣ ва шароити хуби санитарию гигиенӣ дар шароити деҳот, беҳтар намудании сатҳи хизматрасонии тиббӣ барои паст намудани фавти модарон, беҳтар намудани банақшагирии оила ва беҳ намудани доштани маълумот доир ба пешгирии ВИЧ/СПИД – ин самти асосиест, ки кӯшишҳои зиёдтарро талаб мекунанд. Воқеан, барои қатъ намунани раванди пастшавии ҳолат, зарурат барои беҳтар кардани сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ва муайян намудани шабакаҳои боэътимоди бехатари гурӯҳҳои аҳолии мӯҳтоҷ, аз ҷумла пиронсолон ва шахсони бекор ба миён омадааст. Ҳамчунин, агар шуғли камсамари мардум (ғайр аз бекорӣ) сабаби камбизоатӣ бошад, пас зарурати ташкили тренингҳо оид ба такмили малака, бахусус такмили малакаи занон ба миён омадааст, то ин ки барои машғул шудан бо корҳои нисбатан сердаромад дар дохили кишвар ва ё берун аз он шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

8. **Муҳити сиёсӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷумҳурии президентии дорои парлумони дупалатаи иборат аз 63 нафар намояндаи палатаи поёнӣ ва 33 аъзои Шӯрои Миллии палатаи болоӣ мебошад. Ҳизби Халқӣ Демократӣ, ки онро Президент Эмомалӣ Раҳмон сарварӣ мекунад, моҳи феврали соли 2005 дар интихоботи умумихалқӣ ғалаба ба даст овард ва дар айни замон ҳар ду палатаро роҳбарӣ мекунад. Интихоботи навбатӣ моҳи феврали соли 2010 баргузор мегардад. Ҳокимияти воқеӣ на ба ҳокимияти қонунбарор ё шохаҳои судии ҳокимият, балки бештар ба ҳокимияти иҷроия мутамарказонида шудааст, ва нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди сиёсӣ суст аст. Дар натиҷа сатҳи пасти масъулиятшиносии давлатӣ ва шафоффият ба назар мерасад, фасод бошад, мушкилоти асосии роҳи рушд маҳсуб меёбад.

9. **Дастовардҳои охирини иқтисодӣ.** Пас аз анҷоми ҷанги дохилӣ иқтисодиёти кишвар ба низом даромада, истеҳсолот аз нав ба роҳ монда шуд ва аз соли 2000 нишондиҳандаи солона зиёда аз 8 фоизро ташкил дод. Дар ҳолате, ки вазифаи асосӣ пурра ба роҳ мондани истеҳсолот ва амалӣ кардани ислоҳоти макроиқтисодӣ ва сохторӣ буд, ҳамзамон ба рушди иқтисодӣ шартҳои беруна мусоидат намуд, яъне

---

[5] Вазорати рушди иқтисод ва савдо.

[6] Маъхаз: Пешгӯиҳо, ки дар асоси тадқиқоти сатҳи зиндагии сокинони Тоҷикистон омода гаштаанд, соли 2007.

нархи алюминий ва пахта (маҳсулоти асосии содиротии Тоҷикистон) дар саросари ҷаҳон баланд шуд, инчунин рушди босуръати Федератсияи Русия ба меҳнати муҳоҷирони меҳнатии тоҷик сахт ниёзманд гаштааст. Ин, дар навбати худ, натиҷаи бешгтар интиқол додани маблағ гардида, аз 82 миллион доллари ИМА ё ин, ки 5 фоизи ММД дар соли 2003, дар соли 2008 то 2,6 миллиард доллари ИМА ё 50 фоизи ММД афзуд. Аммо сарфи назар аз заминаи маҳдуд ва вобастагии зиёд ба баъзе маҳсулоти кишоварзӣ ва интитқоли маблағ, иқтисодиёти кишвар ботадриҷ рушд мекунад, яъне диверсификатсия мешавад, аз ҷумла ин ба саҳми камтари арзиши иловагии алюминий ва пахта (10 фоизи дар соли 2006 дар қиёс ба 30 фоизи соли 2000) ва зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти ғайрианъанавӣ вобастагии калон дорад.

10. Аммо соли 2007 вазъи идораи макроиқтисодӣ коҳиш ёфт. Аввалан, муайян гардид, ки қисми зиёди захираҳои асъори хориҷии мамлакат ба гарав гузошта шудаанд ё барои пӯшонидани ӯҳдадориҳо (гарав) аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон (БМТ) барои институти хусусии ғайрибонкӣ- гӯё барои маблағгузории бахши пахтакорӣ равона гаштааст. Дуюм, БМТ қарзҳои дохилиро бо пешниҳоди 8 фоизи ММД ба ҳамон институте додаст, ки худ таъсис карда буд ва ба ин васила захираи асосии пулро сечанд зиёд кардааст. Ҳамзамон, боло рафтани нархи ҷаҳонии озуқа ва сӯзишворӣ, инчунин сиёсати сусти қарзию пулӣ, беқурбшавии солонаро то охири соли 2007 қариб ба 20 фоиз расонд. Зимистони қаҳратуни солҳои 2007-2008, ки дар 40 соли охир хунуктарин буд, маҳсулоти кишоварзӣ ва қисми зиёди чорворо нобуд кард; нархи озуқаворӣ дар оғози соли 2008 якбора боло рафт. Суръати беқурбшавӣ дар нимаи дуюми соли 2008 каме паст шуд ва дар охири сол камтар аз 12 фоизро ташкил дод. Касри ҳисоби ҷорӣ, ки соли 2007 то 11фоизи ММД-ро ташкил медод, аз сабаби 58 фоиз боло рафтани содирот барои лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ- ба андозаи камтар аз 9 фоизро дар охири соли 2009 ташкил медод.

11. Ба шарофати назорати ҷиддии хароҷот ва беҳтар аз нақшаи чашмдошт ҷамъоварӣ намудани даромад, вазъи умумии фискалии тавозун беҳтар гашт, ки он аз камомади беш аз 6 фоизи ММД дар соли 2007, соли 2008 -1,3 фоизро ташкил дод (ба истиснои барномаи сармоягузории давлатӣ). Ҳамчунин камтар шудани дараҷаи қарзгирии давлатӣ, сабук шудани бори қарз ва афзоиши босуръати ММД нишондиҳандаҳои устувории қарзи кишварро муайян карданд: таносуби қарзи хориҷӣ нисбати ММД аз 46 фоизи соли 2005 охири соли 2008 то 29 фоиз кам шуд, ки ин аз меъёри муайяннамудаи Ҳукумат ҳам (40 фоиз) поёнтар аст.

12. **Бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва молиявӣ.** Аз оғози соли 2009 бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва молиявӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири манфӣ расонд. Аввало, дар натиҷаи кам шудани талабот ба қувваи корӣ дар Русия, интизор меравад, ки ҳаҷми интиқоли маблағ дар соли 2009 тақрибан 35 фоиз, ё ба андозаи 800 миллион доллари ИМА кам мешавад, ки ин 15 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад. Ин сатҳи истеъмолии аҳолӣ, фаъолияти сохтмонӣ, инчунин ҳаҷми воридотро кам мекунад. Дуюм, аз рӯи маълумоти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳадди ақал 100 000 коргар ё ин ки 10 фоизи теъдоди умумии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки соли 2008 дар Русия ва Қазоқистон буданд, дар семоҳаи аввали соли 2009 ба Ватан баргаштанд. Ҳамчунин интизор меравад, ки дигар шаҳрвандони тоҷик низ дар моҳҳои наздик бармегарданд. Чунин бозгашти иҷбории муҳоҷирони тоҷик, ки аксари он ҷавононанд, дар назди намояндагони хадамоти давлатӣ талаботи нав мегузоранд ва аз ин рӯ, метавонад, ки ба сохтори ҷамъиятии кишвар фишор оварад. Сеюм, дар ҷаҳон кам шудани талабот ба алюминий ва пахта ва паст рафтани нархи онҳо боиси арзон шудани алюминий ва пахта гашт, ки чанде пеш зиёда аз 80 фоизи ҳаҷми содироти Тоҷикистонро ташкил медод. Чорум, азбаски бӯҳрон наметавонад ба бахши молиявии Тоҷикистон бинобар робитаи сусти байналхалқӣ доштанаш бевосита таъсир расонад, сохтори бонкӣ аз сабаби қарзҳояшонро канда

натавонистани хоҷагиҳои пахтакор, ки дар миёнаи соли 2008 он 22 фоизи маблағи умумии бонкро ташкил медод, гирифтори мушкилоте гаштааст ва ахиран, чунин ба назар мерасад, ки сармоягузориҳои хориҷӣ ҳарчанд бисёр набошанд ҳам, то андозае кам хоҳад шуд ( масалан, соли 2009 то 100 миллион доллари ИМА), ки ин ҳолат ба нақшаҳо аз рӯи баъзе лоиҳаҳо оид ба инфрасохтор таъсири манфӣ мерасонад. Ихтисор гаштани маблағгузории беруна ба тавозуни пардохти маблағи захиравӣ, қурби пул ва суратҳисоби ҷорӣ фишор оварда метавонад.

13. **Дурнамоҳои кӯтоҳмӯҳлат**. Дурнамоҳои кӯтоҳмӯҳлати иқтисодии Тоҷикистон дар давоми 6 моҳи охир куллан бад шуданд. Тибқи арзёбии ҳозираи Ҳукумат ва ХБА: болоравии ММД дар соли 2009 танҳо 2 фоиз хоҳад шуд аз тақрибан 8 фоизи соли 2008: даромади буҷет аз нақшаи буҷети тасдиқшудаи соли 2009 15 фоиз кам хоҳад шуд; касри суратҳисоби ҷорӣ то ба 10 фоизи ММД зиёд мешавад (аз камтар аз 9 фоизе, ки дар соли 2008 буд); ва нокифоятии маблағгузории тавозунӣ пардохт дар соли 2009 -155 миллион доллари ИМА ва дар соли 2010- 45 миллион доллари ИМА-ро ташкил хоҳад дод. Камчинии озуқа, ки ҳамеша боиси ташвиш буд, шояд аз ин ҳам бадтар гардад. Номуайянии имрӯза оид ба давомнокӣ ва умқи бӯҳрони ҷаҳонӣ ва аз ҷумла, таъсири он ба иқтисодиёти Тоҷикистон, ҳамкорон оид ба рушдро водор мекунад, ки барои расонидани кӯмаки фавқулоддаи буҷетӣ ба замми 72 миллион доллари ИМА, ки барои соли 2009 то имруз ҷудо карда шудааст, дар ҳолати омодабош қарор дошта бошанд.

14. **Вазифаҳои асосӣ ва мушкилоти рушд**. Тибқи шартҳои мӯҷиботи мазкур, мушкилоти асосии рушди Тоҷикистон- бар замми мавқеи ноқулайи ҷуғрофии он, камзаминӣ ва захираҳои ками моддӣ- инчунин гирифтори мушкилоти зерин аст:

- **Паст кардани сатҳи камбизоатӣ**. Бо вуҷуди пешравиҳои назарраси солҳои 1999- 2007 зиёда аз нисфи аҳолии кишвар дар сатҳи камбизоатӣ умр ба сар мебурд. Дар гумон аст, ки Тоҷикистон тибқи ҲРҲ то соли 2015 ба қисми зиёди мақсадҳои худ ноил гардад. Ба замми ин коҳиши иқтисодиёти ҷаҳонӣ талаботро ба ду маҳсулоти асосии содиротии кишвар ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия кам кард, ки ин ба ҳаволаи маблағ ва аз ин рӯ ба вазъи хизматрасонии иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонд . Агар интиқоли маблағ дар соли 2009 ва баъди он ба андозаи 35 фоиз коҳиш ёбад - ин ба сатҳи камбизоатӣ таъсири манфӣ расонида, аз се ду ҳиссаи аҳолиро фаро мегирад.

- **Барқарор кардани рушди муназзами макроиқтисодӣ**. Вазъи макроиқтисодиёти Тоҷикистон бахусус аз оғози соли 2009 бадтар шуда ҳамоно давом мекунад. Коҳиш дар савдои берунӣ ва фаъолияти умумии иқтисодӣ аз охири соли 2008 ба тавозуни пардохт, захираҳо, мубодилаи асъор ва тавозуни ҷорӣ фишор меоварад. Беҳтар гаштани идораи макроиқтисодӣ иродаи қавии сиёсӣ ва дастгирии маъмуриро барои идома додани ислоҳот дар заминаи умумии ҳуқуқӣ ва системаи давлатии молиявӣ талаб мекунад.

- **Идораи қарзи беруна**. Тибқи тахмини нави таҳлили қарзи устувори беруна (ТҚУБ)-и Бонки ҷаҳонӣ/ ХБА дар соли 2007, хавфи беш аз пеш ғӯтидан ба қарз болост, ҳарчанд, ки қобилияти Тоҷикистон дар муқовимат бо ҳолатҳои ногувори соли 2007 беҳтар гаштааст. Аз ин рӯ, паст шудани суръати афзоиши ММД, содирот ё кам шудани мадохилоти дигар (масалан, ҳаволаи маблағ) дар ҳаҷми чашмдошти соли 2009 ва баъдан метавонад, ки воридоти устувори қарзи берунаро халалдор созад. Қарзи

беруна барои лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, ҳарчанд имтиёзнок бошанд ҳам, нисбатан хатарнок аст- дар мӯҳлати муайяншуда амалӣ нагаштани лоиҳа, боло рафтани арзиши хароҷот ва даромади начандон зиёд баъди анҷоми хароҷот ин ҳама тақозо мекунад, ки дар ин масъала эҳтиёткор шудан лозим аст. Қарори чанде пеш қабулнамудаи Ҳукумат дар мавриди то 40 %-и ММД маҳдуд кардани қарзи беруна дар ин бобат муҳим аст.

- **Устувор кардани ҳолати инфрасохторҳо**. Инфрасохтори Тоҷикистон дар ҳолати бад қарор дорад, ки ин натиҷаи ба дарозо кашидани ҷанги дохилӣ, офатҳои табиӣ, маҳдудияти захираҳо ва идораи ноӯҳдабаро мебошад. Масалан, системаи энергетикии кишвар аз зарарҳои пайдарпайи тиҷоратӣ ва беэътимодӣ гирифтори мушкилот аст, ки ин зимистони қаҳратуни солҳои 2007-2008 қариб пурра аз кор баромад; роҳу шабакаҳои роҳи оҳан, аз ҷумла самтҳои асосии алоқаи минтақавӣ ва тавассути онҳо бо кишварҳои хориҷӣ ҷавобгӯйи талабот нестанд ва барояшон маблағи зиёд харҷ мегардад.

- **Рушди иқтидори инсонӣ**. Ихтисори ҷиддии захираҳои инсонӣ, аз ҷумла аз сабаби набудани муносибати стратегӣ, ба тарзи матлуб муайян нагардидани роҳҳои асосииислоҳот ва ҷой доштани камбудиҳои зиёд аз ҷониби роҳбарон яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Сифати таълим ва нигаҳдории тандурустӣ бо вуҷуди ба ин соҳаҳо зиёд шудани маблағгузории давлатӣ куллан бад гашта, системаи маориф худ монеаи паси сар кардани маҳдудиятҳои асосӣ дар ҳамаи сатҳҳо шудааст.

- **Вусъат бахшидан ба ислоҳот**. Рӯйхати ислоҳоти боқимондаи сохтории Тоҷикистон дароз аст. Чораҳое, ки доир ба соҳаи кишоварзӣ, бахусус пахтакорӣ андешида шудаанд, бо вуҷуди баҳснокӣ заруру воҷиб ва ҳаётан муҳим буда, барои бақои ин соҳа, ҳаллу фасли масоили қарзҳо ва дигар, ба таъмини имконпазирии қарздиҳии системаи бонкӣ нигаронида шудаанд. Дигар бартариятҳо иборатанд аз: (а) пурзӯр кардани роҳбарияти муассисаҳои калони давлатӣ; (б) беҳтар кардани идораи давлатӣ, менеҷмент ва хизматгузорӣ; (в) системаҳои шаффоф ва холисонаи ҳуқуқӣ ва судӣ; (г) ислоҳоти замин; ва (д) чораҳое, ки барои беҳтар гаштани муҳити сармоягузорӣ нигаронида шуда, барои рушди бахши хусусӣ мусоидат мекунанд.

- **Ҳамкории минтақавӣ**. Ва, ниҳоят, вобастагии Тоҷикистон ба ҳамсояҳои худ дар тиҷорати байналхалқӣ ва боркашонӣ ҳамкории минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии онро барои рушди оянда проблемаи ногузир ва доимӣ мегардонад. Муносибат бо Ӯзбекистон, ки воситаи асосии пайвасти роҳи оҳани Тоҷикистон бо олами беруна мебошад, ҳамоно пуршиддат аст ва эҳтимол то вақте ки манфиатҳои онҳо дар масъалаи обҳои фаромарзӣ ва қувваи барқ ба мусолиҳа нарасанд ё роҳи ҳалли худро наёбанд, чунин боқӣ хоҳанд монд.

## III. СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

15. **Стратегияи Миллии Рушд ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ**. Дар аввал ҳадафҳои асосии рушди ҶТ дар СПКСК-1 барои солҳои 2002-2006 ба тариқи зайл пешниҳод шуда буданд: *якум*, рушди устувори иқтисодӣ; *дуюм*, беҳтар кардани

роҳбарият; ва *сеюм*, беҳтар даст ёфтан ба хизматрасонии иҷтимоӣ. СПКСК-1 инкишофи соҳаи кишоварзӣ ва содироти рӯзафзуни маҳсулоти кишоварзӣ - инчунин инфрасохтори матлуби коммуникатсия, энергетика, нақлиёт ва обтаъминкуниро ба сифати инкишофи афзалиятнок пешбинӣ мекард. Он инчунин рушди бахши хусусӣ, пурзӯр намудани сектори молиявӣ, роҳбарии муносиб ва беҳтар кардани хизматҳои иҷтимоиро дар назар дошт. аз нӯҳ панҷ вазифаи чашмдошт, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шуда буданд, бо ҲРҲ-и кишвар мутобиқат мекунанд (камбизоатӣ, маълумоти ибтидоӣ, фавти кӯдакону модарон ва саломатии репродуктивӣ).

16. Соли 2007 Ҳукумат СМР-ро ба мӯҳлати даҳ сол, яъне солҳои 2006-2015 тасдиқ кард, ки се мақсади асосиро дар бар мегирифт ва моҳиятан ҳадафҳои СПКСК-1-ро такмил доданд ва ҳатто муайян карданд, ки онҳо ба самтҳои зерин нигаронида шуда буданд: (а) ноил гаштан ба инкишофи устувори иқтисодӣ; (б) беҳтар кардани идораи давлатӣ; ва (в) рушди захираҳои инсонӣ. Ҳамзамон, Ҳукумат СПКСК-ро барои солҳои 2007-2009 қабул кард, ки нисбатан пурра буда, бартариятҳои СМР-ро барои се соли аввал муайян мекунад. Фаъолияти СПКСК-2 дар се блок муттаҳид карда шудаанд: якум, блоки фаъол (*функсионалӣ)* фарогири ислоҳоти идораи давлатӣ, рушди макроиқтисодӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, рушди сектори хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳамкории минтақавӣ ва омезиш ба иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад; дуюм, блоки *истеҳсолӣ* буда, соҳаи кишоварзӣ, энергетика ва саноат, амнияти озуқаворӣ ва рушди инфрасохторро дар бар мегирад; ва блоки сеюм *иҷтимоӣ* буда, соҳаи маориф, тандурустӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обрасонӣ ва беҳдоштӣро дар бар мегирад. СПКСК-2 ҳамчунин якчанд масоли байнисоҳавӣ, аз қабили густариши фасод, харидории сусти давлатӣ ва идораи молиявӣ, дахолати аз ҳад зиёди давлат ба иқтисод, инчунин тағйиротҳои демографӣ, идоракунии муҳити зист ва баробарии гендериро дар бар мегирад.

17. СПКСК-1 барномаи давлатии сармоягузориро (БДС) дар ҳаҷми қариб 690 миллион доллари ИМА дар назар дошт, ки 80 фоизи ин маблағ ба бахшҳои афзалиятноки зерин равона гашта буданд: ба соҳаи энергетика -25 фоиз; нақлиёт -24 фоиз; кишоварзӣ, обёрӣ, обрасонӣ ва амнияти иҷтимоӣ- 10 фоизӣ ба ҳар кадом. СПКСК-2 дар қиёс бо БСД хеле зиёд буда, баробар ба 2,3 миллиард доллари ИМА-ро дар бар мегирифт. Новобаста ба ин, қисми зиёди лоиҳаҳоро бо сабаби идораи сусти маблағгузории давлатӣ, бӯҳрони энергетикӣ ва озуқаворӣ, ки зимистони солҳои 2007-2008 ҷой дошт ва бӯҳрони молиявии идомадоштаи ҷаҳонӣ аз оғози соли 2009, бояд амалӣ кард.

18. **Шарҳи мухтасари комёбиҳо**. Дар маҷмӯъ, ишондиҳандаҳои иқтисодии СПКСК-1 ва соли аввали СПКСК-2 хуб буданд ва афзоиши ММД 8 фоизро ташкил медод. Як қатор пешравиҳо дар доир намудани ислоҳоти муассисаҳо, ки ба пешниҳоди хизматҳои коммуналӣ машғул буданд, муассисаҳои нақлиётӣ ва беҳтар кардани ҳолати молиявии онҳо ба назар мерасид. Масалан, дар энергетика тарофаҳои истифодаи газ бо нархе пешниҳод карда шуд, ки аз хориҷи кишвар харидорӣ мешуд ва он бояд масрафҳоро то соли 2012 пурра мепӯшонид, ҳол он, ки тарофаҳо барои қувваи барқ хеле поён буданд (ҳарчанд, ки нисбатан қимат карда шуд), интизор меравад, ки барои пурра пӯшонидани хароҷоти маблағ то соли 2013 муваффақ хоҳанд шуд. Айни ҳол бӯҳрони энергетикии зимистони солҳои 2007-2008, ки суст будани идораи обанбори Норак ва тобистони хушк собит кард зарурати қабул намудани чораҳои қатъиро бо мақсади беҳтар кардани талабот, идораи ҳолатҳои бӯҳронӣ ва барқарор кардани инфрасохтори энергетикиро тақозо мекунад.

19. Дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди деҳот ду самти асосӣ вуҷуд дорад, ки дар СПКСК-2 зикр шудааст: (а) кам даст ёфтани фермерҳо ба ҳуқуқи истифодаи замин;

ва (б) стратегияи ҳал кардани қарзи пахтакорӣ. Ба гуфтаҳои боло ҳаминро метавон илова кард, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ҳамоно аз бонкҳо ва корхонаҳои пахтатозакунӣ қарздор буда, инчунин дар масъалаи таъминот бо сӯзишворӣ ва васоити моддию техникӣ мубталои мушкилот гаштаанд; ва, новобаста ба шаклҳои мухталифи ислоҳот, ки бо кӯмаки ҳамкорон оид ба рушд доир мегарданд, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз ҳам ба фаъолияти истифодабарандагони замин ва киштукори ин ё он зироат мудохила мекунанд. Айни ҳол аз рӯи маълумоти ҷойдошта қарзи пахтакорон 550 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд, ки он бо ду Фармони Президенти ҶТ аз соли 2007 ва 2009 роҳи ҳалли худро ёфт. Фармони соли 2009, ки механизми ҳалли қарзҳои пахтакориро муайян мекунад, аз ҷониби гурӯҳи корӣ, ки Ҳукумат зимни маслиҳатҳои донорҳо ташкил додааст, ҳал карда мешавад.

20. Ба ҳамин монанд, нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ ба натиҷаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ё баробарии гендерӣ таъсири назаррас нарасонид. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф ва тандурустӣ доимо зиёд мешавад- то 4,1 фоиз ва 1,5 фоиз аз ММД дар соли 2008 ва ин нишондиҳандаҳо аз рӯи меъёрҳои байналхалқӣ нокифоя ба ҳисоб мераванд. Ҳамчунин ислоҳот дар соҳаи маориф ва тандурустӣ бо беҳтар кардани ҳолати маблағгузорӣ ва сифат, барои ин секторҳо дар шакли нав қабул карда мешаванд. Аммо индекси баробарии гендерии мамлакат барои соли 2008 ба андозаи қариб 9 фоиз дар қиёс ба соли 2004 поён рафт, ки он дар ҳамаи сохторҳои асосӣ- маориф, фаъолияти иқтисодӣ ва васеъ гаштани ваколатҳои сиёсӣ ба назар мерасад. Дар ин замина, он чиз боиси ташвиш аст, ки тамоюли Ҳукумат ба рушди иқтидори инсонӣ ва бо назардошти маблағгузории бештаре барои инфрасохтор, муносибати ботавозунеро нисбати сармоягузориҳои давлатӣ тақозо мекунад.

21. Муҳити рушди бахши хусусӣ низ бо проблемаҳои зиёде мубтало гаштааст. Ҳарчанд ба назар чунин менамояд, ки дар ин самт каме беҳбудиҳо дар масъалаи заминаи қонунгузорӣ, додани иҷозатномаҳо ва тафтиши тиҷорати хурд, инчунин надоштани ҳимоятгар аз рӯи қонунгузорӣ бисёр ба назар расад ҳам, набудани шаффофияти ҳуқуқии системаи фаъолияти тоҷирӣ боиси таъсири манфӣ расонидан ба сармоягузорӣ гаштааст. Ҳукумат тадриҷан ин мушкилотро тавассути амалӣ гардондани барномаҳое чун “200 Рӯзи Ислоҳот”, беҳтар кардани индикаторҳои «Doing Business», ки барои дастгирии рушди сектори хусусӣ нигаронида шудаанд, ҳал менамояд.

22. Ва ниҳоят, ҳарчанд, ки каме пешравӣ дар соҳаи идораи давлатии молиявӣ, харидорӣ ва идораи давлатӣ ба назар расад ҳам, дар соҳаҳое чун беҳтар кардани ҳолати идора ё шаффофият, бахусус дар муносибат бо муассисаҳои калони давлатӣ мушкилоти бештар ба назар мерасад. Баъдан, ҳарчанд ахбори нодуруст доир ба маълумоти бонки марказӣ дар бораи захираи асъори мамлакат танҳо дар миёнаи соли 2007 ошкор карда шуд, чораҳои беҳтар кардани вазъият, ки боиси бозгардонидани боварӣ мегашт, танҳо аввалҳои соли 2009 андешида шудани тадбирҳои аниқи барномаҳои идора, инчунин тамоюлоти чанде қабл ҷойдошта, метавонад, ки боварию эътимоди собиқаро халалдор созад ва дар роҳи идома додани маблағгузорӣ монеа эҷод намояд.

23. Барои минбаъд пешгирӣ намудани баъзе ҳолатҳои ногувор аз қабили офатҳои табиӣ ва эҷодкардаи инсон , ки дар марҳилаи нимаи соли 2007 то миёнаи соли 2008 ҷой доштанд ва таъсири коҳиши иқтисоди ҷаҳонӣ аз оғози соли 2009, ба он шаҳодат медиҳанд, ки мақсадҳои ҳавобаландонаи дар пеши худ гузоштаи СПКСК-2, дар соли охирини амалигардии ин Стратегия дар гумон аст, ки иҷро шаванд. Аз дигар ҷониб,

бартариятҳои асосии воқеии ислоҳоти бахшӣ ва афзалиятҳои ислоҳоти сохтории он, ки дар мӯҳлатҳои дурударози СМР зикр шудаанд, дар соли 2010 ва баъд аз он ҳам бетағйир боқӣ хоҳанд монд. Ҳамин тариқ, бо назардошти нав кардан ва такмил додани ҳадафҳо, онҳо асоси СПКСК-3-ро ташкил медиҳанд, ки барои солҳои 2010-2012 нигаронида шудаанд ва он дар ҳолати омодагӣ қарор дорад. Дар ин замина, бо дурнамоҳои номуайяни кӯтоҳмуддати иқтисодиро ба инобат гирифта, дар СПКСК-3 масоили зерин мавриди амал қарор додан зарур аст: (а) тарҳрезии нақшаи воқеии маблағгузорӣ бо назардошти барномаи қабулнамудаи давлатии миёнамӯҳлати хароҷот (БДМХ) дар бахшҳои асосӣ; (б) диққати аввалиндараҷа додан ба ислоҳот ва ба тартиб даровардани он нисбат ба СПКСК-2 ва ба ин васила тезонидани суръати расидан ба самти ҲРҲ; (в) содда кардани системаи мониторинг, бо ихтисор намудани теъдоди кунунии зиёдатии нишондодҳо (800) ; (г) андешидани чораҳо доир ба тағйироти имрӯза ва баъдинаи иқлим ва проблемаҳои экологӣ; ва (д) бо назардошти мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон дар минтақа, ки бо офатҳои табиӣ мувоҷеҳ аст, кӯмаки фавриро бо мақсади рушд мувофиқа намудан ҳолатҳои ҷойдоштаи хатар ва кам кардани онро ба назар гирифтан зарур аст.

## IV. САМАРАНОКИИ РАСОНИДАНИ КӮМАК ВА ТАНЗИМИ ОН

24. **Заминаҳо**. Тавре, ки қаблан зикр гашт, кӯмаки расмӣ барои рушд (КРР) дар Тоҷикистон- соли 2006 *ба сари ҳар як нафар 36 доллари ИМА-ро* ташкил медод ва тибқи маълумоти охирин вай бисёр кам аст ва камтар аз он маблағест, ки барои расидани кишвар ба ҲРҲ ва мукаммал гаштани инкишофи дарозмӯҳлат гардад. Ҳарчанд ин рақамҳо назар ба кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон, ки хусусиятҳои худро доранд, болотаранд, аммо дар қиёс бо кишварҳое чун Қирғизистон ($52) ва дигар кишварҳои муқоисашавандаи ИДМ чун Арманистон ($64), Гурҷистон ($69) ва Молдова ($46) ин нишондиҳандаҳо каманд.

25. Аз дигар ҷониб, бо пайдо шудани ҳамкорони нав оид ба рушд - аз қабили Хитой, Эрон, Қазоқистон - ва шарики ҳамкори маъмулие чун Россия, ки дар маблағгузории инфрасохтор нақши муҳимро мебозанд, дурнамои кӯмакрасонӣ ба Тоҷикистон дигаргун мешавад. Бо назардошти маблағгузории муайян, ки барои барқароркунӣ ва васеъ гардонидани системаи минтақавии энергетикӣ ва нақлиётии кишвар ва тамоюли амал кардани шарикони зиёд, ки барои мутаҳҳидгардонии иқтидори инсонӣ равона шудаанд, ин тамоюли муҳим ба ҳисоб меравад. Ин ҳамчунин зарурати беҳтар кардани танзим, созгории мониторинг ва ниҳоят, тақсими аниқтари меҳнат байни СМКҲ ва ҳамкорон оид рушд, дар раванди амалигардии СМКҲ қувваю малакаи навро зам мекунанд.

26. **Самараи кӯмакрасонӣ.** Дар нисбати ин замина, маълум гашт, ки барои беҳтар кардани самарнокии кӯмак, Ҳукумат бояд Барномаи умумии банақшагириро тартиб дода, қабул намуда, ба сифати модели расмӣ оид ба механизми танзим бо бартариятҳои рушди миллӣ пешниҳод намояд. Барои ҳалли ин масъала раванди амалишавандаи СМКҲ-ро дастгирӣ намуда, онро бо илова намудан ба СПКСК-3 идома медиҳад. Яквақта, маълум аст ки ба ҳамкорони СМКҲ зарур аст, ки: (а) ҳамаи лоиҳаву барномаҳоро бевосита бо афзалиятҳои рушди миллии мамлакат, ки ба ҳамкории аниқи миёнамӯҳлат (3-5 сол) асос ёфтааст, мутобиқ гардонанд; (б) аз рӯи имкон, мусоидат намудани ҳамкорон оид ба рушд, баҳри тартиб додани барномаҳо ё омода ва арзёбӣ кардан, амалӣ сохтани лоиҳа; ва (в) ба танзим даровардани усулҳо ва амалиётҳо оид ба пешниҳодот ва амалисозии кӯмакҳо; ва (г) дастгирӣ намудани афзоиши иқтидори Ҳукумат дар амалисозии танзими фаъолияит бо ҳамкорон оид ба

рушд[7]. Ин тавсияҳо пурра ба вазифаҳои ҳамкорон оид ба рушд тибқи Барномаи фаъолият (Аккра) мутобиқат мекунанд.

27. **Ҳамоҳангсозии кӯмак.** Нисбати ҳамоҳангсозии кӯмак, таҷрибаи чанде пеш рухдода нишон дод, ки новобаста ба он ки ҳамоҳангсозӣ дар вақти баргузории Форумҳои рушди Тоҷикистон муҳим ба ҳисоб меравад, ин аз сабаби дар сатҳи баланд гузаронидан, нокифоя аст. Дуюм, ҳарчанде ки Шӯрои ҳамоҳангсозии донорҳо (ШҲД) байни ҳамкорон оид ба рушд миёнрави муҳим ба ҳисоб меравад, аммо он бевосита мувофиқати байни донорҳо ва Ҳукуматро беҳтар карда наметавонад ва барои ин ҳамкоре чун Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Фаъолият, самаранокӣ ва таъсири гурӯҳҳои кории бахшӣ номуназзам аст. Чорум, он чӣ, ки марбути барномаи умумии банақшагирии ёдрасшуда аст, тадқиқот нишон дод, ки на СМР ва на СПКСК барои таъмини пурраи кӯмак ё самаранокии ақалли он муайян нашудаанд - аз ин лиҳоз, банақшагирии муфассалиислоҳот ва баҳисобгирии масраф зарур аст. Ғайр аз ин, ҳарчанд, ки муносибатҳои бахшӣ (МБ) ба соҳаҳое мувофиқ омаданд, ки Ҳукумат барои расонидани хизмати ба онҳо хеле масъул аст (масалан, маориф ва тандурустӣ), бахшҳои дигар ба ҳалли дигар усулҳо эҳтиёҷ доранд. Бинобар ин, ҳамкорони СМКҲ боварӣ доранд, ки барои беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва дастрас намудани натиҷаҳои устувор бояд шартҳои зерин иҷро карда шаванд: (а) стратегияи кишварии бахшӣ бо афзалиятҳои возеҳӣ муқарраршуда; (б) системаи мамлакат оид ба молия ва харид, барои азхудкунии босамари захираҳо; (в) кӯмаки ҳамкорон вобаста ба системаи миёнамӯҳлати маблағи сарфшуда; (г) зиёд кардани тақсимоти буҷет; ва (д) созгории хуби кӯмак, бахусус барои мониторинг ва системаҳои иттилоот.

28. Хароҷоти амалиёти кӯмак ба Тоҷикистон мушкилии муҳим мебошад, чунки иқтидори азхудкунӣ маҳдуд зиёд аст ва дар ин асос, Ҳукумат ва ҳамкорон оид ба рушд ба чунин хулоса омаданд, ки хароҷоти амалиёт кам карда шавад. Ин чунин амалиётҳоро дар бар мегирад: истифодаи бештари гурӯҳҳои кории бахшӣ, иҷрои вазифаҳои якҷоя ва шарҳи пешгӯиҳо, ҳамчунин дидани чораҳои якҷоя барои банақшагирӣ, маблағгузорӣ, пардохт, мониторинг, арзёбӣ ва ҳисоботи ҳамкорон оид ба рушд ва воридоти кӯмак.

29. Дар сатҳи бахшҳо зарур аст, ки ҳамоҳангсозӣ беҳтар намуда, таҳқиқ бояд намуд, ки айни замон ҳамкорон оид ба рушд дар соҳаҳои муайян чӣ хел фаъолият доранд. Тадқиқоти соҳавӣ нишон дод, ки самаранокии ӯҳдадориҳо ва ҳамоҳангсозӣ дар дохил ва байни сохторҳо фарқият доранд ва оиди тааҷҷуб нест ки дар он ҷое, ки ҳамкорон оид ба рушд бештар ҷалб шуда буданд - масалан, дар идораи давлатии молиявӣ - ҳамоҳангсозӣ нисбатан мушкилтар буд. Мушкилоти муайяне, ки дар тадқиқоти бахшӣ таъкид гаштаанд инҳоро дар бар мегиранд: (а) дахолати ҷузъӣ бо устувории номуайян (масалан, дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун); (б) такрор кардани кӯшишҳои шарикони ҳамкор оид ба рушд (масалан, дар бахши маъмурияти давлатӣ); (в) бо суръати баланд зиёд шудани лоиҳаҳои таҷрибавӣ, ки камсамаранд (масалан, дар бахши хусусӣ); ва (г) ҳамкорон оид ба рушд фаъолияти худро суст кардаанд ва/ё ин, ки аз он даст кашиданд (масалан, дар соҳаи кишоварзӣ). Ҳамчун муқоиса, ҳамкории ҳамкорон оид ба рушд нисбатан дар соҳаҳое бештар манфиатбахш аст, ки стратегияи умумӣ доштанд (масалан, дар нақлиёт ва энергетика, ки ба стратегияҳои минтақавии ҲИМОМ ) ва гурӯҳҳои кории бахшии ҳамкорон оид ба рушд ҷалб шуда буданд (масалан, дар соҳаи кишоварзӣ).

---

[7] Лоиҳаи амалкунандаи кӯмаки техникӣ бо дастгирии UNDP ва DFID масъалаи беҳтар кардани механизми расонидани кӯмакҳо ва ҳамоҳангсозии фаъолияти донорҳоро меомӯзад.

**30. Принсипҳои муштараки самаранокии кӯмак.** Ҳамкорон оид ба Рушд СМКҲ ва Ҳукумат- барои ҳалли ин масъалаҳо кӯшиш намуда ва бо мақсади муайян кардани асосҳои умумӣ барои фаъолияти махсус бо мақсади беҳтар кардани самаранокии кӯмак, панҷ Принсипи асосии Баёноти Париж ва Барномаи Фаъолиятро (Аккра) ба шароити Тоҷикистон татбиқ намуда *Принсипҳои муштараки самаранокии кӯмакро маъқул ёфтанд* (Иқтибоси 1). Ин принсипҳо ба сифати дастурамал ҷиҳати дастгирии ҳамкорон оид ба рушд на танҳо барои фаъолияти дуҷониба, балки барои муносибатҳои бисёрҷонибаи ҳамкориҳо оид ба рушд таҳия шудаанд. Ғайр аз ин, онҳо барои муфассал муайян намудани воситаи равандҳои нақшаи дахлдори фаъолияти СМКҲ мусоидат хоҳанд кард.

**Иқтибоси 1. Принсипҳои муштараки самарабахшии кӯмаки барои ихтиёрдорӣ кардан, созгор гардондан, ба тартиб овардани натиҷаҳо ва масъулияти муштарак**

1. Роҳбарияти Тоҷикистон ҳамоҳангсозии кӯмаки ҳамкорон оид ба рушдро бо мақсади дастгирӣ намудан ва моил намудан ба самти афзалиятноки СМР ва СПКСК роҳбарӣ менамояд. Ҳамкорон оид ба рушд бо мақсади пурзӯр гардондани қудрату имконияти Ҳукумат барои ҳамоҳангсозӣ кӯмак мерасонанд.
2. Мақомоти ваколатдори ҶТ, бо дастгирии ҳамкорон оид ба рушд, буҷети яксолаи миллӣ, барномаи давлатии сармоягузорӣ ва барномаҳоеро, ки аз ҳисоби воридоти беруна маблағгузорӣ карда мешаванд, барои раванди ягонаи таҳияи додани барнома бо мақсади ба воқеият бештар наздик намудан ва ба низом овардан ҳамоҳанг месозанд.
3. Ҳамкор оид ба рушд дар бораи фаъоляити худ саривақт маълумот пешниҳод менамоянд, то Ҳукумат имкон дошта бошад, ки нақшаҳои худро самаранок тарҳрезӣ намояд ва доир ба лоиҳаҳо, барномаҳо ва ворид шудани кӯмак ҳисобот диҳад. Ҳамкорон оид ба рушд кӯшиш мекунанд, ки кӯмаки ба нақша гирифташуда ва бисёрсолаи молиявиро таъмин намоянд.
4. Дар бахшҳои алоҳида ҳамкорон оид ба рушд бо Ҳукумат доир ба муносибаташон ба бахшҳо якҷоя фаъолият хоҳанд кард: бо як стратегия, бо як нуқтаи ҳамоҳангсозӣ ва як барномаи мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла: (1) мувофиқ намудани стратегияи бахшҳо, ки Ҳукумат тавсия додааст; (2) ҳаракат бо самти тақсимоти фаъолият, ва (3) мониторинги муштарак ва арзёбӣ ба барномаҳои соҳавӣ.
5. Ҳамкорон оид ба рушд бештар ба лоиҳаҳои коромаде таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, ки барои рушди умумимиллӣ мусоидат намуда, зарур ва иҷрошавандаанд.
6. Ҳамкорон оид ба рушд хароҷоти амалиёти кӯмакро камтар намуда, муносибатҳои шарикиро тавассути вазифаҳои муштарак, дурнамои фаъолият ва доир намудани чорабиниҳои омӯзишӣ мустаҳкам менамоянд.
7. Мақомоти Ҳукумати ҶТ ва ҳамкорон оид ба рушд ҳамкории муштаракро ба он хотир ба роҳ мемонанд, ки лоиҳаҳоро пурра омода созанд ва тавсияҳоро барои сохтори вазоратҳо пешниҳод намоянд ва теъдоди марказҳои татбиқи лоиҳаҳоро бо роҳи таъсис додани марказҳои муштарак ихтисор намоянд, то ки ҳамзамон ба татбиқи якчанд лоиҳа масъул бошанд.
8. Ҳамкорон оид ба рушд ба Ҳукумат дар масъалаи таҳкими системаи фидусиарӣ, ки маблағ беш аз пеш бевосита ба буҷет ворид мешавад, кӯмак мерасонанд.
9. Ҳукумати ҶТ ва ҳамкорон оид ба рушд машваратҳои муштаракро бо якчанд ҷонибҳои манфиатдор (аз ҷумла, бо Парлумон, мақомоти маҳаллии ҳокимият ва ҷамъиятҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи дипломатӣ ва донорҳо)

| |
|---|
| оид ба банақшагирӣ ва татбиқи барномаҳо, ки аз ҷониби ҳамкорон оид ба рушд дастгирӣ ёфтаанд, доир менамоянд.<br>10. Ҳамкорон оид ба рушд розӣ шуданд, ки масъулияти калонеро доир ба мониторинг ва ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ба зимма гиранд. |

Маъхаз: Шарикони СМКҲ ва Ҳукумат,ки дар асоси Баёноти Париж ва Барномаи фаъолият(Аккра) мувофиқа шудааст.

31. Амалӣ гардонидани принсипҳои мазкур *ба ҷуз ин ҳама:* (а) омода намудани чорабиниҳое ки ба дастрас намудани натиҷаҳои ҳамоҳангшуда, аз он ҷумла, масоили банақшагирӣ ва мониторинги принсипҳои муштарак оид ба муайян намудани самарабахш будани кӯмак (Принсипи #3); (б) барои истифодаи зиёди гурӯҳи кории соҳавӣ (Принсипи #4); (в) гузаронидани вазифаҳои муштарак, шарҳи пешгӯиҳо ва чорабиниҳои таълимӣ (Принсипи #6); ва (г) ривоҷи низоми мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ (Принсипи #10). Оид ба принсипи #7, айни замон ҳамкорон оид ба рушд бо Ҳукумат масъалаи таъсиси маркази татбиқи лоиҳаҳо (МТЛ) дар Вазоратҳои тандурустӣ ва маориф дар алоқамандӣ бо Муносибатҳои бахшӣ (МБ) дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф муҳокима мекунанд

## V. ДАСТГИРИИ ҲАМКОРОНИ СМКҲ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН, СОЛҲОИ 2010-2012

32. **Дастгирии СМКҲ–Мавзӯъҳо ва бахшҳо.** Дар назар дошта шудааст, ки дастгирии муштараки хамкорони СМКҲ дар давраи солҳои 2010-12 дар СПКСК-3 дар се мавзӯи фарох ва секторҳои мувофиқ мутамарказонида шудаанд[8]:

- Дастгирии ҳамаҷонибаи инкишофи иқтисодиёт тавассути самарабахш фоидаовар гардонидани соҳаи кишоварзӣ, беҳтар кардани таъминот бо қувваи барқ ва иқтидори содиротии он, беҳтар кардани шабакаҳои дохилӣ ва минтақавии нақлиёт ва дигар инфрасохторҳо, ки инкишофро мусоидат менамоянд;

- Дастгирии тартиботи хуқуқӣ (ҳамчунин шаффофият дар мубориза бо фасод) – тавассути доир намудани ислоҳоти идораи давлатӣ (ҳамчунин хизмати давлатӣ ва маош) ва идораи молиявии давлатӣ, ки ба рушди бахшҳои хусусӣ ва молиявӣ мусоидат мекунанд, баланд бардоштани эътибори қонун ва ҳуқуқи инсон; ва

- Дастгирии рушди захираҳои инсонӣ бо роҳи беҳтар кардани соҳаи маориф ва тандурустӣ; ва бо роҳи андешидани чораҳо нисбати гирифторӣ бо роҳи таҳкими системаи такмилёфтаи ҳифзи иҷтимоӣ.

**Мавзӯи 1: Дастгирии ҳаматарафаи инкишофи иқтисодиёт**

33. Сарчашмаҳои рушд ба ин соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика ва нақлиёти минтақавиро шомил кардаанд; инкишофи минбаъдаи онҳо ҷудо намудани сармоя ва ислоҳоти дахлдорро тақозо мекунад. Дар соҳаи кишоварзӣ вазифаи асосӣ он аст, ки таҷдиди ташкилоти заминҳои фермерӣ ва додани иҷозатномаҳо ба

---

[8] Маълумоти се мавзӯъро дар мадди назар дошта и мазкур мутамарказ шуда, бояд диққати асосиро ба масоили байнибахшие, аз қабили муҳити зист ва тағйири иқлим, идораи хатарҳои офатҳои табиӣ, гендер ва муҳоҷиратро, ки беш аз пеш ба авзои мамлакат таъсир мерасонанд, ҷалб намуд.

истифодабарандагони замин ба танзим даровარда шавад. Бартариятҳои дигар иборатанд аз: беҳтар кардани обрасонӣ барои обёрӣ; бештар даст ёфтан ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; доштани маълумоти комил доир ба вазъи бозор; инфрасохтори такмилёфтаи савдо; ва устувор гардонидани корҳои тадқиқотӣ ва хизматрасониҳои иловагӣ. Дар соҳаи энергетика бошад доир намудани ислоҳот дар се соҳаи асосӣ зарур аст: боз ҳам самарабахш гардондани иқтисодиёти муассисаҳои асосии давлатӣ ва идораи корпоративии онҳо; гуворо сохтани муҳити умумии кор бо мақсади ҷалби сармояи бевоситаи хориҷӣ; ва мусоидат намудан ба тақсими минтақавии захираҳои энергетикӣ ва ба имзо расонидани қарордодҳои содирот. Нисбати нақлиёт бошад, бартариятҳои асосӣ инҳо маҳсуб меёбанд: равнақ додани ислоҳот дар системаҳои сиёсӣ, қонунгузорӣ ва системаи танзими идоракунии фаъолияти роҳҳои мошингард, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ; ва рушди шабакаҳои минтақавӣ, ки барои роҳ ёфтани Тоҷикистон ба бозори байналхалқӣ кӯмак мерасонад.

34. **Кишоварзӣ**. Ҳукумат ва ШҲД пас аз имзо шудани фармони Президент таҳти № 663 аз 30 майи соли 2009 «*Дар бораи андешидани чораҳои иловагӣ доир ба дастгирии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»,* инчунин дар асоси нақшаи дахлдори фаъолияти Ҳукумат, шаш гурӯҳи кориро бо мақсади расонидаи кӯмак дар соҳаи таҳия кардан ва пурра анҷом додани чораҳои ислоҳотӣ дар бахши пахтакорӣ, маблағгузории соҳаи кишоварзӣ, ислоҳоти замин (аз ҷумла заминҳои маъмурӣ), ислоҳоти бахши обрасонӣ, инчунин рушди деҳотро ташкил доданд. Новобаста ба он, ки дар дохили ШҲД аз вақти таъсис додани котибот фаъолияти бо соҳаи кишоварзӣ алоқаманди он ба низом даромадааст, бояд барои беҳтар гаштани ду ҳолат кӯшиш ба харҷ дод : (а) созгории тавсияҳои сиёсӣ, ки ба Ҳукумат пешниҳод мешавад; ва (б) ба камбудӣ ва шабоҳат роҳ надодан байни ҳамкорони СМКҲ дар муносибати дастгирии фермерҳо ва барномаҳои ёрирасони ҳуқуқӣ. Дар сатҳи амалисозии лоиҳаҳо, ҳамкорони СМКҲ ба Ҳукумат кӯмак мерасонанд, ки чораҳои самарабахш андешад ва машваратҳои зарурии техникии оид ба банақшагирӣ ва рушди бартариятҳоро барои амалисозии ислоҳоти кишоварзӣ ва барқароркунии инфрасохтори деҳот таъмин намояд.

**35. Энергетика.** Кӯмаки амалии ҳамкорони СМКҲ оид ба барқарор кардани системаи имрӯза дар давраи амалисозии СМКҲ тавассути (масалан) Лоиҳаи кам кардани талафи барқ, ки аз ҷониби Созмони Байналмилалии Рушд (СБР)/Швейсария ва Лоиҳаи таҷдиди ОРУ дар НБО-и Норак, ки аз ҷониби БОР ва KfW маблағгузорӣ карда мешавад, давом хоҳад дод. Ин лоиҳаҳо аҳамияти ҳалкунанда нисбати пешгирӣ кардан ё ақаллан то ҳадди ақал кам кардани талафи қувваи барқ мебошад ва мақсади асосии онҳо самарабахш гардонидани система бо роҳи кам кардани зиёни тиҷоратӣ, инчунин боэътимод кардани системаи энергетикӣ мебошад. Ҳамзамон, ҳамкорони СМКҲ ҳамчунин ният доранд, ки ба масъалаи ҷалби сармояҳои хусусӣ ва омӯзиши омилҳои нави молиявӣ бо мақсади рушди иқтидори содиротӣ мусоидат намоянд. Ҷалби онҳо барои истифодаи иловагии маблағгузории сектори хусусӣ, масалан, бо роҳи шаффофият, идораи корпоративӣ, маблағгузории Асоснокии техникию иқтисодӣ (АТИ) ва муайян намудани стратегияи маблағгузорӣ равона гаштааст. Беҳтар гаштани шароити тиҷорат низ имкон медиҳад, ки сармоягузорони ҷиддӣ ба консорсиум ҷалб шаванд. Барои ин ширкати хусусии ҷамъиятии «Помир энерҷи» дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) – бо иштироки AKFED, СБР, Ширкати Байналмилалии Молиявӣ (ШБМ) ва Ҳукумати Швейсария ҳамчун модели манфиатнок хизмат карда метавонад. Воқеан, фаъолияти дигари нав фарогири масоили зерин аст: (а) сарчашмаҳои алтернативӣ ва барқароршавандаи қувваи барқ, инчунин нерӯгоҳҳои хурди барқию обӣ, ва (б) барнома оид ба захира ва самаранок истифода кардани қувваи барқ.

**36. Нақлиёт.** То замони иштироки Хитой ва Эрон шумораи ҳамкорон оид ба рушд, ки ба бахши нақлиёт ҷалб гардида буданд, чандон зиёд набуд (БОР, БАТР, БИР, Хазинаи қувейтии арабиии рушди иқтисодӣ, Хазинаи ОПЕК ва Хазинаи Саудӣ) ва ҳамаи онҳо комилан дар сектори роҳҳои мошингард машғул буданд. Дар доираи Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказии назди БОР Кумитаи танзими бахши нақлиёт (КТБН) фаъолият дорад, ки барои ҳамоҳангсозии институтҳои байналхалқии молиявӣ (ИБМ) дар сектори нақлиёт кӯшиш карда истодааст. Нақшаи генералии сектори нақлиёт (барои солҳои 2008-2025), ки бо дастгирии БОР омода гаштааст, асоси нақшаи стратегии Ҳукумат буда, аслан ба сифати барномаи кӯмаки донорӣ дар рафти амалисозии СПКСК-3 хизмат карда метавонад. Ҳамзамон бо назардошти ҳаҷм ва ҳолати бади инфрасохтори нақлиёти мамлакат кӯмаки иловагии беруна зарур мебошад.

**Мавзӯи 2: Дастгирии идораи беҳтар**

37. Идораи беҳтар – яъне*, зиёд кардани* масъулияти давлатӣ, боз ҳам шаффофтар ва самарабахштар гардондани хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки сатҳи фасод пастттар ва натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ва ҳам рушди захираҳои инсонӣ беш аз пеш назаррас шаванд. Дар бахши давлатии иқтисодӣ, афзалиятҳои асосӣ инҳо ба ҳисоб мераванд: устувор гаштани идораи молиявии давлатӣ; ислоҳоти идораи давлатӣ, аз ҷумла хизмати давлатӣ ва муассисаҳои асосии давлатӣ; ва мусоидат намудан ба тартиботи ҳуқуқӣ. Дар бахши хусусӣ ду талаботи асосии инҳо маҳсуб меёбанд: беҳтар гаштани муҳити корӣ; ва системаи боз ҳам мустаҳками моҳиявӣ – пурзӯр намудани боварии аҳолӣ ба бонкҳо, дастрасии зиёд доштани корхонаҳои хурд ва миёна ба қарз ва мусоидат намудан ба истифодаи маблағҳои интиқолӣ бо мақсади тараққиёт. Ин барномаи доманфарохи идора омили асосии фаъолияти сесолаи Барномаи ХБА оид ба мусоидат намудан ба инкишофи иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст (БРМД).

**38. Идораи бахши давлатӣ.** ИА, ХБА ва БҶ фаъолияти СМКҲ-ро дар гузаронидани ислоҳоти давлатӣ ва идораи давлатии молиявӣ дар сатҳи миллӣ, тавассути ҷалби маблағ барои дастгирии Лоиҳаи чанде пеш тасдиқшудаи идораи давлатии молиявӣ, ки аз ҷониби БҶ маблағгузорӣ мешавад, танзим менамоянд. Дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ, БОР, Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ, Агентии Шведсия оид ба рушди байналхалқӣ (SIDA), СММ ва ЮСАИД ба мақомоти *ноҳиявӣ* ва *ҷамоатҳо* имкон медиҳанд, ки иқтидори идораи буҷеташонро зиёдтар намоянд ва ба ин минвол, барои хизматрасонии самаранок (маориф, тандурустӣ ва дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ) мусоидат менамояд. SIDA ҳамчунин ба ҷомеаҳои маҳаллӣ дар пешниҳод намудани хизматрасониҳои ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Ин барнома ва стратегияҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ бо роҳи расонидани кӯмаки техникӣ назорат карда мешаванд, ки ИА (Иттиҳоди Аврупо) аз рӯи Лоиҳаи КТ (кӯмаки техникӣ)-и Устувор кардани идора оид ба натиҷаҳо баҳри дастгирии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, аз ҷониби БОР маблағгузорӣ карда мешавад. Натиҷагирӣ аз мӯҳлати тӯлонӣ чунин хоҳад буд: (а) беҳтар кардани қобилияти ҳукумат оид ба мутобиқат намудани сиёсат аз рӯи бахшҳо ва таъмин кардани алоқамандӣ бо буҷет; (б) фаъолият кардани аудити мустақил ва иқтидоре, ки устувор буда, имкониятҳои ҳамкорони СМКҲ-ро барои истифодаи системаи кишварӣ таъмин менамояд; ва (в) хизмати муосири давлатӣ, ки мукаммал кардаани ҳайатро дар асоси озмун ва маоши ҷолиб пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин масъалаи устувор намудани иқтидори вазоратҳоеро, ки аз рӯи банақшагирии стратегӣ ва мониторинг фаъолият менамоянд, таъмин менамояд.

39. **Рушди сектори хусусӣ.** Новобаста ба он ки якчанд намуди кӯмакҳо аз ҷониби БРО, БАТР, Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ, ЮСАИД ва БҶ барои дастгирии бахши хусусӣ ҷудо шуда буд, вале дар ин самт кӯшишҳои аз ин ҳам бештаре бояд ба харҷ дод. Масалан, саноати хӯрокворӣ метавонист, ки истифодабарандагони бозорро бо маҳсулот таъмин мекард ва барои самаранок гаштани соҳаи кишоварзӣ дар дурнамои миёнамӯҳлат кӯмак мерасонид. Ба ин минвол, тавре ки қаблан қайд карда шуд, маблағгузории бахши хусусӣ ҳамчунин дар соҳаҳои асосӣ аз қабили энергетика ва нақлиёт ногузир аст. Дар ин асос, зарурат ба миён омадааст, ки баъзе тағйиротро дар барномаи ҳамкорони СМКҲ бо мақсади боз ҳам самарабахш кардани онҳо, ворид намоем. *Якум,* ибтикориислоҳот дар соҳаи инспексия, иҷозатномадиҳӣ ва дигар бахшҳо алоқаи тавонои байни стратегияи рушди бахши хусусиро аз ҷониби давлат ва ислоҳоти бахши давлатӣ, стратегияи ташкилии муассисаҳои давлатӣ, ислоҳоти хизмати давлатӣ - аз ҷумла дар масъалаҳои тақсимоти захираҳо, инфрасохтор оид ба омӯзиш ва набудани системаи идораро муайян намуд. Хамкорони СМКҲ бояд диққати асосиро ба бунёд намудани иқтидори Ҳукумат ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи миллӣ равона созанд, ҳамчунин алоқамандии ислоҳоти бахши хусусиро бо бахши давлатӣ таъмин намоянд. *Дуюм,* нақшаи фаъолияти рушди бахши хусусӣ, ки таҷдиди муассисаҳои саноатиро фаро мегирад, бояд дар ҳамкорӣ бо Ҳукумат омода гардад, то ин ки мувофиқати хамкоронро бо сиёсати ҳукумат мувофиқа намояд ва талошҳои лаҳзаинаи ҳамкоронро коҳиш диҳад. *Сеюм,* ҳамкорон бояд хароҷоти ба роҳ мондани тиҷоратро сарф шавад, тавассути ихтисори монеаҳои маъмурӣ барои чорабиниҳои марбути тиҷоратӣ, кам кунанд ва чорабиниҳои мушаххасро ҷорӣ намуда, воқифу огоҳ буданро дар бораи бахши хусусӣ ба роҳ монанд. *Чорум,* дастрасӣ ба ахбор ва бештар воқиф будан бояд дар доираи васеътар сурат гирифта, ба сафарбар намудани кӯмак барои амалигардонии ислоҳот ва баланд бардоштани масъулияти Ҳукумат дар назди соҳибкорон мусоидат намояд. Панҷум, ҳамкорон бояд кӯшиш намоянд, ки сохтори танзимгар ва сатҳи шаффофиятро бо иштироки сектори хусусӣ ва инфрасохтор беҳтар намоянд. Шашум, ташаббусҳо бояд муайян шуда бошанд, то ин ки ба рушди бозори бахши хусусӣ мусоидат намояд.

40. **Рушди бахши молиявӣ**. Бо дастгирии БҶ ва ХБА дар айни замон стратегия муқаррар карда шудааст, ки асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйирёфта ва дигар ислоҳоте мебошанд, ки дар Барномаи Арзёбии Бахши Молиявӣ (БАБМ) тавсия шудаанд, амалӣ гарданд. Ин ислоҳот масоили зеринро фарогир аст: (а) пурзӯр намудани назорати бонкӣ; (б) чораҳо оид ба пешгирии қонунӣ, ҳалол гардонидани пулҳои ғайриқонунӣ ба даст оварда; (в) рушди бозори қоғазҳои қиматнок; (г) пурзӯр намудани назорати дохилии бонкӣ ва аудит; (д) боз ҳам шаффофтар кардани масъалаи нарх гузоштан аз ҷониби бонкҳо ба маҳсулоти молиявӣ; (е) мустаҳкам намудани системаи судӣ барои амалӣ гаштани ҳуқуқи моликият ва риоя намудани созишномаҳо; (ж) устувор гардондани иқтидори назорати суғуртавӣ; (з) таъсис додани системаҳои маълумотдиҳии қарзӣ; (и) захира намудани пули нақд, ки ҷавобгӯи талаботи тиҷорат ва ашхос, бахусус дар бахши кишоварзӣ бошад; (к) таъсис додани системаи ягонаи бақайдгирии амвол ва амалиёти ба он мутобиқ. Бо вуҷуди он ки ҳамкорони СМКҲ дар таҳкими ситемаи банизомдарорӣ ва системаи назорати бонкӣ ва системаи суғурта мусоидат менамоянд, норасоиҳои баррасии судии парвандаҳои марбут ба муфлисшавӣ, қарздҳии кафолатнок ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи харида гирифтани гарав ба назар мерасанд. Ғайр аз ин, системаи судӣ то ҳол қудрат надорад, ки иҷрои қарордодҳоро ба ҷо оварад ва ҳуқуқҳои соҳибмулкро кафолат диҳад.

**41. Тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқи инсон.** Ҳамкорони СМКҲ ва Ҳукумат ба чунин қарор омаданд, ки беҳтар гаштани вазъият дар риояи тартиботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла

ислоҳоти ҳуқуқӣ афзалияти беҳтарин ба ҳисоб меравад. Новобаста ба он ки раванди охирини дарозмӯҳлат, кор дар давраҳои СМКҲ бевосита ба рушди иқтисодӣ ва ба ин васила, ба паст гаштани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, ин ногузир аст.

Барои ҳалли ин масъалаҳо дар маҷмӯъ кӯшиш ба харҷ додан лозим аст, ки бояд муносибати муттаҳидкунанда, бисёрҷониба ва комплексӣ бошанд. Ин ислоҳоти қонунан ба нақша гирифта аҳамияти дигар соҳаҳоро коҳиш намедиҳад ва ҳамкорони СМКҲ, ҷустуҷӯи роҳҳои иловагии саҳм гузоштанро ба ҳимояву рушди ҳуқуқи инсон идома медиҳанд.

**Мавзӯи 3: Кӯмак ба рушди иқтидори инсонӣ**

42. Рушди захираҳои инсонӣ барои рушди иқтисод ва ҳамчунин барои беҳтар шудани вазъи зиндагии мардум аҳамияти калон дорад. Афзалияти асосӣ ин бештар даст ёфтан ба маориф ва тандурустӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо бо мақсади беҳтар гардидани натиҷаҳо ва ноил шудан ба дастовардҳои минбаъда дар масъалаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баробарии гендерӣ мебошад. Дар дурнамои дарозмӯҳлат, такмил додани малакаи қувваи корӣ низ ба рушд мусоидат хоҳад кард. Бо назардошти он ки мамлакат ба таъсири беруна вобастагии зиёд дорад, ҳимояи самарабахши иҷтимоӣ аз бенавоии зиёд, бахусус барои гурӯҳи камбизоат, хоса барои занон, масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. То ин, ки аз муҳоҷират ва ҳаволаи маблағ манфиати бештар ба даст ояд, бояд хизматрасониҳои молиявиро доимо беҳтар намуд, инчунин барномаҳои таълимӣ ва касбомӯзиро барои гурӯҳи алоҳида такмил дод. Ҳоло якчанд барномаи таълимии инноватсионӣ амал карда истодааст ва онҳо таҳкурсиро барои бунёд кардани бинои маърифат омода мекунанд.

43. **Маориф**. ЮНИСЕФ ва БҶ кӯмаки ҳамкорони СМКҲ-ро дар бахши маориф якҷоя ба танзим медароранд, ки тибқи Стратегияи Миллии Рушди Маориф (СМРМ) фаъолият менамояд. Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ (БОҶ) низ ҳамкори асосӣ дар таъминоти озуқа аз рӯи барномаи таълимӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти ҷории ҳамкорони СМКҲ, аз ҷумла Ташаббуси Пешравиҳи Босуръат (ТПБ, (FTI) ва дигар лоиҳаҳои дар марҳилаи омодагӣ қарор дошта, ба қисми зиёди соҳаҳои асосӣ, ки дар СМКҲ/СМРМ нишон дода шудаанд, равона гаштаанд, аз ҷумла: идораи маълумоти умумӣ бо фарогирии таҳлили стратегияҳо, баҳисобгирии масраф, банақшагирӣ, мониторинг ва арзёбӣ; дастрасии маориф, самаранокӣ ва сифат; баробарии гендерӣ; ва инфрасохтори маориф. FTI барои Муносибати Соҳавии (МС) оянда асос шуда метавонад, ки барои соли 2010 ба нақша гирифта шудааст ва ба ин васила Ҳукумат ҷаҳд дорад, ки онро сарварӣ намуда, ба ин восита самти ягонаи ҳамаи барномаҳоро, ки ҳамкорони СМКҲ ва СМРМ маблағгузорӣ мекунанд, бахусус стратегияи ислоҳот барои маълумоти томактабӣ (рушди томактабӣ) ва барои маълумоти олӣ (касбии техникӣ ва маълумоти олӣ)-ро таъмин намояд. Хазинаи Эътимодии Барномаи Кӯмаки Маорифи Русия бо мақсади рушд (READ), ки аз ҷониби БҶ идора мешавад, ба беҳтар кардани сифати таълим тавассути бунёди иқтидор барои амалисозии арзёбии маориф нигаронида шудааст. Он бо Маркази миллии тестонӣ (ММТ) ҳамкорӣ менамояд, ки ваколати он иборат аст аз: (а) роҳбарӣ кардан ба имтиҳоноти ягонаи дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ дар асоси натиҷаҳо; (б) мусоидат намудан ба инкишофу идораи донишҷӯён дар синфхонаҳо. Ҳамзамон ИА (Иттиҳоди Аврупо) дар ҳисоби масрафи Нақшаи Амали СМРМ бо фарогирии таҳлили вазъият оид ба ҷудо намудани маблағ ва норасоиҳо мусоидат менамояд. Соҳаи дигари дастгирии иқтидор таҳияи барномаҳо барои бизне-маориф ба ҳисоб меравад.

44. **Тандурустӣ**. Дар давоми ду соли охир дар инкишофи босамари ҳамкорони СМКҲ барои бахши тандурустӣ пешравиҳои назаррас мушоҳида мешаванд. Якум, батанзимдарорӣ аз раванди идоракунии ҳамкорони СМКҲ дар айни замон ба зиммаи Вазорати тандурустӣ (ВТ) гузашт, ки дар ҷаласаи ҳармоҳаи машваратӣ бо мусоидати котибот, ки СҶТ (Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ)-ро намояндагӣ мекунад, доир мегардад. Дуюм, гуфтушунид байни ВТ ва ҳамкорони СМКҲ акнун ба самти банақшагирии муштарак ва амалисозӣ бо интиқоли таҷрибавии маблағи бевосита ба вазорат (дар навбати аввал ЮНИСЕФ ва СҶТ) равона гаштааст, ки барои расонидани кӯмак дар омода кардани стратегияи сарҷамъонаи тандурустӣ, ки дар навбати худ барнома барои пешниҳодоти Муносибати Соҳавӣ (МС) (SWAp) мебошад, маҳсуб меёбад. Ҳамзамон Ҳукумати Олмон, Раёсати Швейтсария оид ба ҳамкорӣ, Агентии Шведсия оид ба рушди байналхалқӣ, SIDA, БОР ва БҶ дар таҳким бахшидани ёрии аввалияи тиббӣ ва амалӣ сохтани ислоҳоти маблағгузории тандурустӣ якҷоя мусоидат менамоянд; БРСММ ва СҶТ дар роҳи мубориза бо бемории сил, ВИЧ ва пешгирии табларза, ҳифзи саломатии модару кӯдак ва омӯзиши духтурон дар соҳаҳои муносиб кӯмак мерасонад; ИА дар идораи иттилооти бахши тандурустӣ, таҳияи Барномаи Миёнамӯҳлати Хароҷоти Давлатӣ (БМХД) ва дар якҷоягӣ бо Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир (DfID) ва дигар ҳамкорони СМКҲ ба омода кардани стратегияи сарҷамъонаи дар боло ишорашудаи соҳаи тандурустӣ мусоидат менамояд; БҶ дар масъалаи бунёд кардани иқтидори фидутсионарӣ дар ВТ кӯмак мерасонад. Агентии Шведсия оид ба рушди байналхалқӣ низ аз Шӯъбаи сиёсати соҳаи тандурустӣ бо мақсади беҳтар кардани иқтидори кори соҳаи ташхис ва стратегия дар ВТ дастгирии худро дареғ намедорад. Тибқи рӯйхати ҷории СҶТ аз рӯи лоиҳаҳои берунаи маблағгузорӣ 38 ҳамкор оид ба рушд, ки ба соҳаи тандурустӣ ҷалб шудаанд, фаъолият доранд ва дар давоми 10 сол кӯмаки берунаи молиявӣ ва техникӣ қариб 140 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод.

**45. Ҳифзи иҷтимоӣ.** Дар соли 2008 нафақа 80 фоизи буҷети якҷояи ҳифзи иҷтимоӣ, нафақаи иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ва кӯмакпулӣ барои бекори мутаносибан 10 фоиз, 2 фоиз ва 1 фоизро ташкил доданд. Се вазорат- Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимои (ВМҲИ), Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия ва мақомоти маҳаллии ҳокимият барои расонидани кӯмаки мухталифи иҷтимоӣ масъуланд, аммо ин сохтор дар маҷмӯъ норасоии маблағро эҳсос мекунад ва ин ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷаи андешидани чора аз ҷониби БМХД, тағйироти мусбӣ ба назар мерасанд, ҳарчанд, ки кӯшишҳои иловагиро дар ин самт ба кор бурдан лозим аст. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ӯҳдадор шудааст, ки барномаи мӯҳташами ислоҳоти соҳаро барои 5-10 сол амалӣ намояд, ки он захираҳои муайяни молиявӣ, инсонӣ ва техникиро талаб мекунад. Дар ин асос, ҳамкорони СМКҲ ӯҳдадор шудаанд, ки дар масъалаи тағйир додани сохтори ҳифзи иҷтимоӣ кӯмак расонанд. ИА дар масъалаи дастгирии буҷет ва кӯмаки техникӣ барои зиёд намудани нафақа, ҳифзи иҷтимоӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ, инчунин барои дастгирии бозори меҳнат ва сиёсати муҳоҷират маблағ ҷудо мекунад; Ҷамъияти Олмон оид ба кӯмаки техникӣ (GTZ) ба нақша гирифтааст, ки дар масъалаи ҷорӣ намудани «шиносномаҳои иҷтимоии» оилаҳои камбизоат кӯмак расонад, ки дар онҳо маълумот дар бораи натиҷаҳои камбизоатии онҳо ва мусоидат намудан барои гирифтани кӯмаки моддӣ, дар масъалаи расонидани ёрии моддӣ ва хизматрасонии тиббӣ мусоидат менамояд; БҶ дар якҷоягӣ бо ИА ва ТОКТ (Ташкилоти Олмон оид ба кумаки техникӣ) ба нақша гирифтааст, ки ҳадафмандии ҳифзи иҷтимоиро ба воситаи маблағгузаронӣ дастгирӣ намояд. ЮНИСЕФ бо дастгирии SIDA корҳоро доир ба тағйир додан ва мукаммал гардондани системаи ҳифзи кӯдакон иҷро мекунанд.

## VI. БАРТАРИЯТҲО БАРОИ МУТОБИҚГАРДОНИИ БЕҲТАР

**46. Мақсади умумии СМКҲ /Ҳукумат**. Тибқи чор принсипи дар якҷоя ба мувофиқарасидаи самаранокии кӯмакҳо, мақсади асосии СМКҲ/Ҳукумат барои мутобиқгардонии беҳтар, яъне барои танзими самаранок ва идораи маблағҳои воридшудаи ҳамкорони СМКҲ, ки ба Тоҷикистон ворид мешаванд, метавонад ба ин шакл сурат гирад:

- Як стратегия, яъне СМР Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 ва мутобиқи он СПКСК-3, барои солҳои 2010-2012.
- Як механизми ба танзимдарорӣ, ки тавассути Шӯрои Ҳамоҳангсозии Донорҳо (ШХД) бо Ҳукумат ҳамкорӣ менамояд ва аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (КДСИАД) – ки вазорат ва мақомотҳои Ҳукуматро муаррифӣ менамояд; ва
- Як системаи мониторинг, арзёбӣ ва натиҷаҳо, ки ба СПКСК-3 вобастаанд.

47. Дар ин замина омода намудани СПКСК-3, ки ҳоло доир мегардад, дар ҳуҷҷати чанде пеш тасдиқнамудаи стратегияи ҳамкорони СМКҲ барои солҳои 2010-2012 инъикос шудааст: масалан, дар Стратегияи ҳамкорӣ бо кишварҳои БОР, барои солҳои 2010-2014; Стратегияи кишварии БАТР; Барномаи мусоидат ба рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии ХБА; Стратегияи кишварии ҳамкории СБР барои солҳои 2009-2011.

**48. Қадамҳои оянда.** Тавре болотар зикр гашт, раванди таҳияи СМКҲ, ки аз соли 2008 оғоз ёфта буд, ба тағйироти куллӣ дар самти муносибати ҳамкорон оид ба рушд ва ба якчанд пешниҳодоти нав дар секторҳои алоҳида оварда расонд. Ба оянда назар карда, метавон гуфт, ки вазифаи душвор ҳам барои Ҳукумат ва ҳам барои ҳамкорони СМКҲ – натанҳо нигоҳ доштани вазъи аввала, балки такмил ва анҷом додани он мебошад. Мутобиқан, Ҳукумат ва ҳамкорони СМКҲ, кӯшишҳо ба харҷ дода, қавл доданд, ки барои расидан ба ҳадафҳои дар боло овардашуда кӯмак расонанд, яъне ба масъалаи боз ҳам самаранок ҳамоҳанг сохтан ва идораи маблағҳои аз ҷониби ҳамкорони СМКҲ ба Тоҷикистон воридгашта мусоидат намоянд. Инҳо даҳ вазифаи мушаххаси мӯҳлаташон муайянгашта мебошанд, ки шаштои онро бояд Ҳукумат ва чортои онро ҳамкорони СМКҲ тибқи СМР, СПКСК-2 ва СПКСК-3, ки омода шуда истодааст, иҷро намоянд. Аз сабаби таваҷҷӯҳ доштани ҳамкорони СМКҲ, амали авалӣ мебошад, ки то 31 декабри соли 2009 гурӯҳҳои кории бахшӣ/мавзӯӣ, ки ваколатдор мебошанд, барқарор намоянд ва ё пурзӯр кунанд: (а) диққати асосиро ба таҳлил ва гуфтушунид дар мавриди 2-3 мақсади стратегии рушд, ки бо Ҳукумат мувофиқа шудааст, равона бояд кард; ва (б) барои таъмини беҳтари стратегия ва ҳамоҳангсозии фаъолият ва амалиёт дар доираи Баёноти Париж ва Барномаи амал (Аккра) бояд чораҳои мушаххас андешида шаванд.

**Ҳукумат:**

(а) аз моҳи январи соли 2010 ташаббускорӣ баргузории ҷаласаи ҳарсолаи шарҳи стратегӣ/ банақшагирии ШХД бо Ҳукумат оғоз мешавад;

(б) амалисозӣ ва натиҷаҳои яксолаи СПКСК –ро бо Ҳукумат/ ҳамкорони СМКҲ- дар аввали моҳи марти соли 2010 арзёбӣ мекунад;

(в) накшаи зиддибӯҳронии солҳои 2009-2010-ро ворид намуда, таъсиси СПКСК-3, солҳои 2010-2012-ро то 31 марти соли 2010 анҷом медиҳад;

(г) пас аз ба анҷом расидани таъсиси СПКСК-3, аз ҷумла ихтисори ҳаматарафаи нишондиҳандаҳои мониторинг- то 31 марти соли 2010 сохтор системаи мониторинг ва арзёбии БМХД-ро тағйир медиҳад/содда мекунад;

(д) кормандони иловагӣ гирифта, онҳоро аз кор намононда бо таълим фаро гирифта таҷҳизотро нав карда, бо кӯмаки техникие, ки дар накшаи кории DfID/БРСММ нишон дода шудааст, мустаҳкам намудани шӯъбаи танзими кӯмаки берунии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикстон то 31 декабри соли 2011 амалӣ мегардонад;

(е) раванди супурдани СМКҲ-и амалкунандаро ба вазоратҳои интихобӣ - то 31 декабри соли 2013 анҷом медиҳад.

**Ҳамкорони СМКҲ:**

(а) нақша(ҳо) ва барномаи кори ШХД-ро барои солҳои 2009-10, бо фарогирии вогузоштани масъулияти фаъолияти минбаъда доир ба СМКҲ ва ғайраро то 30 ноябри соли 2009 муайян /нав мекунад; ва

(б) ба секторҳои мавҷуда ё нави/ гурӯҳҳои кории мавзӯии ШХД, бо ваколатҳои мувофиқатии, барномаҳои корӣ ва реҷаи кори бо секторҳо мувофиқатшуда/ мақсадҳои мавзуии стратегӣ, ки ба СПКСК вобаста мебошанд, ҳисоботи ҷории фаъолияти ШХД- ро пешниҳод карда, онҳоро то 31 декабри соли 2009 мустаҳкам менамоянд;

(в) давомдиҳанда/ташаббускори гуфтугӯи ШХД бо ҳамкорони нави роҳи рушд- масалан, бо Хитой, Эрон, Бонки Исломии Рушд, Қазоқистон, Хазинаи Кувайт, Русия мешаванд ва онҳоро даъват мекунанд, ки барои дар барнома, дар кори ШХД ва ғайра, аз ҷумла дар гурӯҳҳои бахшиву мавзӯии корӣ (масалан дар масоили энергетика, нақлиёт)- то 31 декабри соли 2009 ширкат варзанд;

(г) котиботи доимии ШХД аз ҷумла маблағгузории онро то 31 декабри соли 2010 таъсис медиҳад.

**49. Мониторинги натиҷаҳо.** Ҳамкорони СМКҲ ва Ҳукумат иҷрои барномаҳои дар боло нишондодашударо бо истинод ба меъёрҳои номбаркардаи замимаи 2 таҳти назорат гирифта, арзёбӣ мекунанд, ки Мониторинги умумӣ дар шакли арзёбии ҳарсолаи пешравиҳо, ки аз самарнокии кӯмак бармеояд, доир карда мешаванд. Машварати ШД оид ба шарҳи стратегӣ/банақшагирии якҷоя низ бо Ҳукумат дар ҷамъбасти ҳарсола, шурӯъ аз январи 2010 оғоз мегардад. Ҳисоботҳои солонаи СМКҲ дар маҷмӯъ натиҷаҳоро, аз ҷумла рафти амалисозии мушкилоти ҳалнагашта ва қадамҳои минбаъдаро, ки он ба ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади мусоидат намудан ба муҳокимаи ошкор ва ҳисобот пешниҳод карда мешаванд, баррасӣ менамояд. Натиҷаҳои муфассали назоратии секторӣ, ки бояд дар алоҳидагӣ аз ҷониби ҳар як сектор/гурӯҳи кории мавзӯӣ муайян карда шаванд инъикосгари

Баёнияи Париж ва Барномаи фаъолият (Аккра) мебошад, ки ба шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

**50.** **Арзёбии хатар**. СМКҲ дар вақти амалисозии он бо якчанд хатарҳо рӯбарӯ хоҳад гашт. *Якум,* хатари ба таъхир афтодан ё бад шудани вазъи умумӣ. Ба ин муносибат, ҳамкорони СМКҲ метавонанд, ки каме тағирот даророранд/ ё фаъолияти худро дар самтҳое, ки дар мувофиқа бо Ҳукумат ба роҳ мондаанд ва ё кӯмаки онҳо бевосита ба ҳаёти мардум таъсир мерасонад, онро маҳдуд созанд. *Дуюм,* хавфе вуҷуд дорад, ки новобаста ба кӯшиш ва сармоягузории онҳо, ки аз аввали соли 2008-ум оғоз ёфта буд, иқтидор ва ҷадвалҳои ҳамкорони СМКҲ беҳтар ҳамоҳанг мегардонанд ва дар ниҳояти кор, он ҳангомаомез буда, натиҷаҳои самараноки дилхоҳро дода наметавонад. То ин ки ин хатар сабуктар гардад, нақшаи фаъолияти аввали дар боло нишондодашуда ва интизориҳо бояд мӯътадил бошад. *Сеюм,* хатаре вуҷуд дорад, ки бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ метавонад ба ворид гаштани кӯмаки доимии беруна халал расонад- он кӯмакҳое, ки ваъда дода буданд, шояд қисман иҷро шаванд ё ин, ки, на дар ислоҳоти дарозмӯҳлати сохторӣ, балки дар ҳолатҳои фавқуллода равон гарданд. Дар ин ҳолат мумкин аст зарурат пеш меояд, ки кӯмакҳои ихтисоршудаи СМКҲ ба он соҳаҳое равона гарданд, ки ҷасорати сиёсӣ ба ислоҳот бештар ниёз дорад ва он таҳким меёбад.

Замимаи 1

**Фаъолияти ҳамкорони СМКҲ бо секторҳои асосӣ**

| **Сектор** | **Ҳамкорони СМКҲ** |
|---|---|
| **Кишоварзӣ** | Бонки Рушди Осие<br>Хазинаи Оғохон, Тоҷикистон<br>Бонки Аврупоии рушд ва таҷдид<br>Комиссияи Аврупо<br>Агентии Швесия оид ба ҳамкории байналхалқӣ ва рушд<br>Раёсати Швейсария оид ба ҳамкорӣ<br>Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир<br>Агентии СММ<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| **Энергетика** | Бонки Рушди Осие<br>Ҳукумати Олмон<br>Раёсати Швейсария оид ба ҳамкорӣ<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| **Нақлиёт** | Бонки Осиёии Рушд<br>Бонки Аврупоии рушд ва таҷдид |
| **Маориф** | Хазинаи Оғохон, Тоҷикистон<br>Комиссияи Аврупо<br>Ҳукумати Олмон<br>Агентии СММ<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| **Тандурустӣ** | Хазинаи Оғохон, Тоҷикистон<br>Комиссияи Аврупо<br>Ҳукумати Олмон<br>Агентии Швесия оид ба ҳамкории байналхалқӣ ва рушд<br>Раёсати Швейсария оид ба ҳамкорӣ<br>Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир<br>Агентии СММ<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| **Ҳифзи итимоӣ** | Комиссияи Аврупо<br>Агентии Швесия оид ба ҳамкории байналхалқӣ ва рушд<br>Агентии СММ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| **Сектори идоракунии давлатӣ** | Комиссияи Аврупо<br>Агентии Швесия оид ба ҳамкории байналхалқӣ ва Рушд<br>Раёсати Швесария оид ба ҳамкорӣ<br>Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир<br>Агентии СММ<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурухи Бонки Чахонӣ |
| **Рушди сектори хусусӣ** | Бонки Осиёии Рушд<br>Бонки Аврупоии рушд ва таҷдид<br>Комиссияи Аврупо<br>Ҳукумати Олмон<br>Раёсати Швесария оид ба ҳамкорӣ<br>Департаменти рушди байналхалқии Британияи Кабир<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалқӣ<br>Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| | |

| Сектор | **Ҳамкорони** СМКҲ |
|---|---|
| **Сектори молиявӣ** | Бонки Рушди Осие<br>Бонки аврупоии рушд ва тачдид<br>Хукумати Олмон<br>Агентии ИМА оид ба рушди байналхалкӣ<br>Раесати Швесария оид ба ҳамкорӣ<br>Гуруҳи Бонки Чаҳонӣ |
| **Ҳифзи тартибот ва ҳуқуқи инсон** | Комиссияи Аврупо<br>Хукумати Олмон<br>Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо<br>Раёсати Швесария оид ба ҳамкорӣ<br>Агентии СММ |

Маъхаз: Ҳамкорони  СМКҲ.
Эзоҳ: Ҳамкорони СМКҲ фаро гирифтааст, ки дар даҳ сектори асосии Тоҷикистон фаъолият доранд. Дигар соҳаҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо ҳамкорони СМКҲ фаъолият доранд, аммо онҳо дар ҷадвали мазкур нишон дода нашудаанд.

Замимаи 2

## Мониторинги принсипҳои асосии муштараки самаранокии кӯмак

| Принсипҳои муштарак | Меъёр |
|---|---|
| Роҳбарияти Тоҷикистон танзими кӯмаки ҳамкорони роҳи рушдро баҳри дастгирӣ ва танзими бартариятҳои СМР ва СПКСК роҳбари менамояд. Ҳамкорони роҳи рушд дар масъалаи беҳтар кардани иқтидори Ҳукумат баҳри ба танзим даровардани фаъолият кӯмак мерасонанд. | • Пешрафт аз рӯи самтҳо аз рӯи платформаи кӯмакҳо, ки Ҳукумат вобаста ба мақомоти идораи масъул ба банақшагирии иқтисоди ва таҳияи буҷет машғуланд, идора мекунад. |
| Мақомоти ваколатдори ҶТ бо дастгирии ҳамкорони роҳи рушд, буҷети яксолаи миллиро алоқаманд намуда, барномаи сармоягузрии давлатӣ ва барномаҳоеро, ки аз ҳисоби кӯмаки беруна маблағгузорӣ мешаванд, ба раванди ягона ворид сохта, воқеият ва давомнок будани онҳоро таъмин менамояд. | • Фоизи буҷет, ки ба СПКСК ва стратегияи секторӣ алоқаманд мебошанд;<br>• Фоизи расмии кӯмаки расида, бо баҳисобгирӣ дар буҷети миллӣ;<br>• Фоизи кӯмаки расмии Рушд (КРР), ки ба ҷузъиёти нақшаи стретегии сектор марбут аст;<br>• сиёсати бисёрҷониба ва чораҳои арзёбиии байналхалқӣ, ки сифати буҷет ва идораи молиявиро фаро мегирад. |
| Ҳамкорони роҳи рушд маълумоти саривақтиро дар бораи фаъолияти худ пешниҳод менамоянд, то ин ки Ҳукумат имконияти самаранок тарҳрезӣ намудани нақшаҳо ва ҳисоботдиҳиро аз рӯи барномаҳо ва кӯмакҳои расида тарҳрезӣ намояд. Ҳамкорони роҳиа рушд кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пешгӯиҳо ва кӯмаки ба нақшагирифтаи молиявии дарозмӯҳлатро таъмин намоянд. | • Ҳамкорон оид ба рушд мунтазам ба Вазорати молия Ҳукумат маълумот доир ба маблағҳои ҷорӣ ва банақшагирифташударо дар давраи омода кардани буҷет барои соли оянда пешниҳод мекунанд;<br>• Фоизи КРР барои соле, ки ба нақша гирифта шудааст;<br>• Теъдоди Ҳамкорони бо барномаҳои силсилваии бисёрсола, ки бо Ҳукумат мувофиқа шудаанд;<br>• Зиёд кардани дастгирии ҳамоҳангшудаи буҷет тавассути интихоби ҳамкорон. |
| Дар бахшҳои алоҳида ҳамкорон бо Ҳукумат дар масъалаи муносибати секторӣ кор хоҳанд кард: бо стратегияи ягона, нуқтаи ягонаи батанзимдарорӣ ва барномаи ягонаи мониторинг ва баҳодиҳӣ, бо фарогирии: (i)мувофиқа кардани стратегияи секторҳо, ки аз ҷониби Ҳукумат тавсия шудаанд; (ii) ҳаракат ба самти тақсимоти меҳнат, ва (iii) мониторинги якҷоя ва арзёбии барномаҳои соҳавӣ. | • Зиёд кардани теъдоди муносибатҳои барномавӣ, бо фарогирии пешрафт дар як қисми чор меъёр оид ба муносибати барномавӣ. |
| Ҳамкорони роҳи рушд барои зиёд шудани лоиҳаҳои муваффақ баҳри таъсири умумимиллӣ, ки иҷрои онҳо ногузир аст, мутамарказонида хоҳанд шуд. | • Теъдоди лоиҳаҳои бомуваффақият, ки кам шудаанд. |
| Ҳамкорони роҳи рушд масрафҳои амалиётиро коҳиш медиҳанд ва уносибатҳои шарикиро тавассути вазифаҳои муштарак, пешниҳодоти дурнамо ва чорабиниҳо оид ба омӯзиш таҳким мебахшанд . | • Теъдоди вазифаҳои ҳамкорӣ аз рӯи самтҳои рушд, Пешгӯиҳо, арзёбии муштарак ва омӯзиш. |
| Мақомоти ҳукумати ҶТ ва шарикони ҳамкор оид ба рушд якҷоя кор хоҳанд кард, то ин ки пурра марҳилаи омодагии лоиҳаҳои амалишавандаро таъмин намоянд ва дар сохторҳои вазоратҳо шумораи Марказҳои амалисозии лоиҳаҳоро ихтисор мекунанд ва баҳри бунёди Марказҳои муштарак ҷиҳати амалисозии якчанд лоиҳа мусоидат хоҳанд кард. | • Ихтисор кардани МТЛ нисбат ба вазъи имрӯза |
| Ҳамкорони роҳи рушд ба Ҳукумати ҷумҳурӣ дар масъалаи такмил додани системаи фидутсиарӣ ва идораи давлатии молиявӣ баҳри зиёд шудани маблағгузории бевосита ба буҷет кӯмак мерасонанд. | • Истифодаи лоақал як шакли миллӣ оид ба идоракунии молиявӣ (ё ин ки ҳисоботи молиявӣ, баргузории аудит ё иҷрои буҷет).<br>• Фароҳам овардани шароит барои зиёд кардани дастгирии буҷет.<br>• Амалисозиии лоақал як МС (SWAp) ва васоит барои муайян намудани маблағҳои воридшуда бевосита ба буҷет. |
| Мақомоти ваколатдори ҶТ ва ҳамкорони роҳи рушд бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳои муштаракро | • Рушди раванд бо иштироки ҷонибҳои зиёди манфиатдор |

| | |
|---|---|
| (аз ҷумла бо парлумон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаи дипломатӣ ва донорҳо) доир ба масоили банақшагирӣ ва амалисозии барномаҳо, ки аз ҷониби ҳамкорон дастгирӣ шудаанд, доир менамояд. | • Зиёд намудани маълумот дар бораи фаъолияти Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва беҳтар кардани танзими фаъолияти онҳо бо барномаҳои Ҳукуматӣ. |
| Ҳамкорони роҳи рушд ба зиммаи худ масъулияти азими назорат карданро ба фаъолияти танзими кӯмакҳои воридшуда гирифтанд. | • Ӯҳдадории риояи Принсипҳои муштарак ва васеъ намудани Баёнияи Париж тавре ки дар тадқиқоти ОЭСР нишон дода шудааст.<br>• Ба танзим даровардани фаъолияти муштараки Вазоратҳо ва шӯъбаҳо, ки дар Стратегияи миёнамӯҳлати ПКСК нишон дода шудаанд. |

Маъхаз: Ҳамкорони СМКҲ ва Ҳукумати ҶТ, такя ба Баёнияи Париж соли 2005 ва Барномаи фаъолият (Аккра) соли 2008.